АКБАР БАҲРОМОВ

# ТАБИАТШИНОСӢ

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 4-уми мактабҳои миёнаи таълими умумӣ

Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон тасдиқ намудааст

Нашри дуюм



САРТАҲРИРИЯТИ
ШИРКАТИ САҲҲОМИИ ТАБЪУ НАШРИ «SHARQ»
ТОШКАНД – 2013

УДК 502.2-512.121
ББК 20.1я71
В 43

**Муҳаррирони масъул:**

Ў.Пратов – доктори илмҳои биологӣ, профессор, Ходими шоистаи илмии Республикаи Ўзбекистон;
А.Қаюмов – доктори илмҳои география, профессор.

**Муқарризон:**

Н.Ахмедова – мудири шўъбаи таълими ибтидоии МТР;
М.Сатторова – дотсенти ДДОТ ба номи Низомӣ, номзади илмҳои педагогӣ;
М.Холхўҷаева – омўзгори синфҳои ибтидоии мактаби рақами 110-уми шаҳри Тошканд.

**Тарҷимон:**

Ҷ.Эшонқулов – сарметодисти МТВТРЎ

**Аломатҳои шартӣ:**


Кори амалӣ


Супориш


Худро санҷед!


Ҷамъбасти дарс

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби Республика ба иҷора чоп шудааст.**

ISBN 978-9943-00-739-0

© Баҳромов. А. Д., 2011, 2013.
© Сартаҳририяти ШСТН «Sharq», 2011, 2013.

# МУҚАДДИМА

Дар таътили тобистона маза карда истироҳат кардед. Тобистон фасли аҷиб буда, хусусиятҳои ба худ хос дорад. Дар ин давр рӯзҳо дароз ва шабҳо кӯтоҳ мешаванд. Дар ин фасл нурҳои Офтоб бар ҳудуди диёрамон росттар меафтад. Барои ҳамин рӯзҳо гарм ва осмон беабр мешавад.

Тобистон яке аз фасли дӯстдоштатарини бачаҳо мебошад. Дар тобистон бачаҳо бо ҳамсолони худ бозию оббозӣ мекунанд ва аз неъматҳои он баҳраманд мешаванд.

Дар тобистон дашту боғҳо корҳо авҷ мегиранд. Зери дарахту киштзорҳо нарм карда шуда, ба онҳо пору андохта, шудгор мекунанд ва аз ҳашаротҳои зараровар тоза карда мешавад. Барои нобуд кардани ҳашаротҳо ҷиблаҷибон, сӯфитӯрғай, чуғурчуқ, фароштурук, гунҷишк ва читтак барин паррандаҳо ёрии калон мерасонанд.

Киштзорҳо парвариш карда, хеле хуб месабзанд. Дар байни тобистон ғӯзаҳо гул карда, гандумҳо ба пухтан сар мекунанд. Моҳҳои тобистон паси ҳам карам, картошка, бодиринг, помидор, сабзӣ ва пиёз барин сабзавотҳо ба пухтан тайёр мешаванд. Дар полиз тарбуз ва харбузаҳои шакару ширин мепазанд. Дар саҳро барои бо ҷӯшу хурӯш ҷамъ намудани ҳосили киштҳо тайёрӣ мебинанд.

Тобистон дар боғҳо низ корҳо зиёд мешаванд. Ба дарахт ва токзорҳо ба муқобили ҳашаротҳои зараровар доруҳо мепошанд. Зери онҳо нарм карда шуда, об монда мешавад. Навдаҳои ток дар вақташ бурида мешавад.



**Расми 1.** 1 – каврокҳои кӯҳӣ; 2 – бодоми наздикӯҳӣ; 3 – саксавулҳои чӯл; 4 – сечаки даштӣ; 5 – ҷангалзори кӯҳӣ; 6 – дарёи кӯҳӣ

Аз нури Офтоб зардолу, олуча, шафтолу, себ, нок, ангур барин меваҳо бо навбат мепазанд. Ҳосили онҳо ба дастархони халқ пешкаш карда мешавад.

Ҳайвонҳои хонагӣ гӯсфанд, буз, асп ва говҳо тобистон дар саҳро парвариш карда мешавад. Чорводорон аҳолиро бо маҳсулотҳои гӯшт ва шир таъмин мекунанд.

Табиати мамлакатамон хеле зебо аст (расми 1). Тарафи Офтоббарои мамлакатамонро кӯҳҳои баланд иҳота кардааст. Барфҳои дар қуллаи баланди кӯҳҳо буда, дар тобистон ҳам об шуда тамом намешаванд. Дар ин давр доманаҳои табиати кӯҳ либоси сабз ба бар мекунад. Ин ҷойҳо бо табиати зебо, ҳавои мусаффо ва обҳои зулоли худ касро мафтун месозад.

Табиати мамлакатамон бо олами ҳайвонот низ бой аст. Дар назди кӯҳҳо, чӯлҳо, оромгоҳҳо, дарё ва кӯлҳо ҳар гуна ҷонварҳо ҳаёт ба сар мебаранд (расми 2).

Дарёҳои пуроби аз кӯҳҳо ҷоришаванда, аҳолии шаҳру деҳот, боғ ва саҳроҳоро бо об таъмин мекунанд.



**Расми 2.** 1 — хирси бӯр (сурхи сиёҳтоб); 2 — бузи кӯҳӣ; 3 — хаз; 4 — лаклакҳо; 5 — шабпарак; 6 — ғалевоч

Дар байни кӯҳҳо бисёр деҳаҳо ҷойгир шудаанд. Табиати ин гуна деҳот дигар хел аст. Дар доманаи ин гуна кӯҳҳои зебо оромгоҳҳои истироҳаткунанда ва табобатгоҳҳо ташкил карда шудаанд. Барои дар оромгоҳ ва табобатгоҳҳо будагон ҳавои кӯҳи зебо ва обҳои зулоли он шифо мебошад.

Намуди шаҳрҳои кишварамон ҳам хеле мафтункунанда аст. Шаҳрҳо сол то сол зебо шуда истодаанд. Дар қатори биноҳои сохташудаи аз ҳамдигар зебо, бисёр боғҳои истироҳатӣ низ барпо шудааст. Дар шаҳр ва деҳот ба корҳои кабудизоркунӣ ва ободонӣ эътибори алоҳида медиҳанд.

Барои ҳимоя ва муҳозифат кардани табиати зебои Ватанамон эътибори алоҳида дода истодаанд.

Дар Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон ва қонунҳои дахлдор аз боигариҳои табиати диёрамон оқилона истифода бурдан ва муҳофизат намудани онҳо муайян карда шудааст. Аз ҷумла, дар моддаи 55-уми

Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон чунин гуфта шудааст:

**Боигариҳои Замин ва зеризаминӣ, об, растанӣ ва дунёи ҳайвонот, инчунин захираҳои дигари табиӣ боигариҳои умумимиллӣ буда, аз онҳо оқилона истифода бурдан зарур аст ва онҳо дар муҳофизати давлат мебошанд.**

Шумо дар дарсҳои «Табиатшиносӣ»-и синфи 4-ум аввалан бо кайҳони дур, сипас бо табиати чўлу кўҳҳо, дашту ҷангалзорҳо, яъне бешазорҳо, дарёю кўлҳои мамлакатамон шинос мешавед. Пас аз донистани навъҳои гуногуни табиат ба саросари мамлакатамон саёҳат мекунед. Дар баробари ин табиати ҳар як вилоятҳои мамлакатамон, шаҳри Тошканд ва Ҷумҳурии Қароқалпоқистонро меомўзед.

1. Фасли тобистон аз дигар фаслҳо бо кадом ҷиҳатҳояш фарқ мекунад?
2. Дар тобистон дар саҳро ва боғҳо чӣ гуна дигаргуниҳо мешавад?
3. Ҳайвонҳои хонагӣ дар куҷо парвариш карда мешаванд? Онҳо ба инсонҳо чӣ гуна фоида мерасонанд?
4. Дар бораи аз табиат оқилона истифода бурдан ва муҳофизат кардани он дар Конститутсияамон чӣ гуфта шудааст?
5. Оиди табиати зебои мамлакатамон нақл карда диҳед.

Дар тобистон аз растанҳои хушккардашуда гербарий тайёр кунед.

# ЗАМИН – САЙЁРАИ СИСТЕМАИ ОФТОБ



## СИТОРАҲО

Шабҳо дар осмон ситораҳои бешумор намоён мешаванд. Ситораҳо ба мо хеле хурд намудор шаванд ҳам, дар асл ҳар яки онҳо хеле калонанд.

> ***Ситора*** **ҷисми калони осмониест, ки он курашакл ва чун оташ фурӯзон буда, аз мо хеле дур аст.**

Аз мо чӣ қадар дур будани ситораҳоро тасаввур карда мебинем. Нурҳои аз онҳо омада истода дар 1 сония 300 000 км масофаро тай мекунанд. Суръати нурҳо ҳамин қадар баланд бошад ҳам, нури ситораи ба мо наздиктарин то ба мо дар тӯли 4 сол омада мерасад. Нури баъзе ситораҳои бароямон намудор барои то бамо омада расидан аз 100 сол зиёд вақт мегузарад.

Агар бо диққат тамошо карда бошед, ситораҳо ҳарранга аст. Баъзе ситораҳо *сафед* ё ки *кабудтобанд*. Онҳо ситораҳои хеле гарм ба ҳисоб мераванд. Ҳарорати рӯи ин гуна ситораҳо аз +10 000°C то +100 000°C мебошад.

Дар байни ситораҳо зардашон низ ҳаст. Ҳарорати рӯи онҳо аз +3 000°C то +10 000°C мешавад.

Баъзе ситораҳо ранги *сурх* дорад. Ҳарорати ин гуна ситораҳо низ аз +2 000°C то +3 000°C мешавад.



Мирзо Улуғбек

Дар шаби беабр қариб 3000 ситораҳоро дида тавонистан мумкин аст. Дар паси ситораҳои ба мо маълум шудаистода низ ситораҳои бешумор мавҷуд аст.

Олимон аз азал дар бораи ситораҳо барои маълумот ҷамъ намудан шавқу ҳавас доштанд. Аз ҷумла, алломаи бузург **Мирзо Улуғбек** (1394–1449) барои омӯхтани ситораҳо дар Самарқанд иншооти махсус – *расадхона* созондааст. Бо ёрии асбобҳои дар расадхона буда дар асоси натиҷаҳои санҷишӣ ҷадвали ҷойгиршавии ситораҳоро тартиб додааст. Натиҷаҳои омӯзиши ситораҳоро ҷамъ намуда, китоби алоҳида навишта боқӣ гузоштааст. Дар ин китоби Мирзо Улуғбек дар бораи 1018-то ситора навишта шудааст.

Шабҳо дар осмон ситораҳои бешумор намоён мешавад. Ситораҳо хеле хурд намудор шаванд ҳам, дар асл ҳар яки онҳо хеле калонанд.

Ситора ҷисми калони осмониест, ки он курашакл ва чун оташ фурӯзон буда, аз мо хеле дур аст.

## ОФТОБ

Офтоб ҳар рӯз саҳарӣ аз як тарафи рӯи Замин баромада, давоми рӯз дар осмон ҳаракат мекунад. Шабона бошад, он ба тарафи дигари рӯи Замин мешинад.

Гӯё ки кураи Замин дар як як ҷо меистаду Офтоб дар атрофи Замин давр мезанад. Дар асл Офтоб нисбати Замин дар як ҷой меистад. Замин бошад дар атрофи Офтоб давр мезанад (расми 3.)




**Расми 3.** Замин дар атрофи Офтоб давр мезанад



**Расми 4.** Сохти Офтоб

Диаметри Офтоб аз кураи Замин 109 маротиба калон аст. Офтоб – яке аз ситораҳои шабона нурпошандаи осмон аст. Ситораҳо дар кадом ҳолат бошад, Офтоб низ дар ҳамон ҳолат мешавад.

Ситораҳо аз мо барои ниҳоят дур буданаш нури онҳо то ба Замин омада расидан даҳҳо сол вақт мегузарад. Нури Офтоб бошад, ба Замин дар 8 дақиқа омада мерасад. Дида истодаед, ки ба мо нисбати ситораҳои шабона намоёншаванда Офтоб хеле наздик будааст. Аз ин рӯ:

**Офтоб – ситораи ба мо аз ҳама наздиктарин аст.**

Дар ядрои Офтоб, яъне маркази он ҳарорат ниҳоят баланд аст. Ҳарорати тарафи сатҳи он паст шуда меравад. Ҳарорати сатҳи Офтоб дар атрофи +6 000°C мешавад (расми 4).

Масофаи аз Замин то Офтоб ниҳоят калон аст. Аз мо чӣ қадар дур будани Офтобро тасаввур карда мебинем. Фараз кардем, ракетаи тезпарвози дар ҳар сония 12 км




**Расми 5.** Ракета ба Офтоб дар 5 моҳ рафта расиданаш мумкин

роҳ тайкунанда, аз Замин ба тарафи Офтоб роҳ гирифта бошад, ин ракета то ба Офтоб рафта расиданаш қариб 5 моҳ вақт сарф мекардааст (расми 5).

Офтоб оламӣ беканорро беист равшан карда меистад. Растанӣ ва ҳайвоноти рӯи Замин, инчунин одамон ҳам бо туфайли Офтоб зиндагонӣ мекунанд.

Тӯберо гирифта, онро кураи Замин гуфта тасаввур кунед. Дар он ҳолат диаметри Офтоб нисбат ба тӯб чӣ қадар буданашро ҳисоб кунед.

**Калимаҳои асосӣ:** ситора, ҷисми осмон, расадхона, Офтоб.

1. Чӣ гуна ҷирмҳои осмонро ситора мегӯянд?
2. Ситораҳо аз ҳамдигар чӣ гуна фарқ доранд?
3. Барои чӣ Офтобро «ситораи наздиктарин» мегӯянд?
4. Диаметри Офтоб аз диаметри Замин чанд маротиба калон аст?
5. Офтоб барои табиати ҷондор чӣ хел аҳамият доштанашро нақл карда диҳед?

# САЙЁРАҲО

## Системаи Офтоб

Дар атрофи Офтоб сайёраҳо, кометаҳо, метеорҳо ва дигар ҷисмҳои осмонӣ бисёр давр зада мегарданд (расми 6).

**Офтоб ва ҳамаи ҷисмҳои осмонии дар атрофи он даврзананда дар якҷоягӣ *системаи Офтобро* ташкил медиҳад.**




**Расми 6.** Сайёраҳои дар системаи Офтоббуда

Шабҳо баъзан «ситора»-и хираи дар байни дигар ситораҳо сайр карда гаштаро пай бурдан мумкин. Ин гуна ҷисми осмон дар асл ситора набуда, балки сайёра мебошад.

**Ҷисмҳои калони осмонии дар системаи Офтоб буда, *сайёраҳо* номида мешаванд.**

Сайёраҳо аз худашон нур намебароранд. Мо нурҳои аз сайёраҳо баргаштаи Офтобро мебинему холос.

**Дар атрофи Офтоб 8-то сайёра давр зада мегардад. Онҳо чунин ном доранд: *Меркурий (Уторид), Венера (Зӯҳро), Замин, Марс (Миррих), Юпитер (Муштарӣ), Сатурн (Зуҳал), Уран ва Нептун.***

Ҳар як сайёра ба мадор (орбита)-и худ соҳиб аст. Мадори сайёра ин – роҳи ҳаракати сайёраҳои дар атрофи Офтоб будааст. Мадори ҳар як Сайёра дар расми 6-ум бо хатҳои доиравӣ нишон дода шудааст.

## Уторид (Меркурий)

Сайёраҳо бо калонию хурдӣ аз Офтоб бо дурию наздикашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аз ҳама хурдтарин сайёра ин Уторид мебошад. Диаметри он аз диаметри Замин қариб 3 маротиба хурд аст. Дар сатҳи он хок нест. Сатҳи он аз санг ва регҳо иборат аст. Сатҳи он аз афтидани ҷисмҳои осмонии майда каҷу килеб шудааст. Сатҳи сайёраро газҳои ҳархела иҳота карда меистад.

Дар сатҳи Уторид ҳаво ва об нест. Аз ҳаёт ҳеҷ ягон нишона надорад. Дар сатҳи Уторид ҳарорат рӯзона +350°C, шабона бошад, дар атрофи –160°C мешавад.

## Зӯҳро (Венера)

Сайёраи Зӯҳро аз Замин каме хурд аст. Барои ба Замин наздик буданаш баъзан саҳарӣ Зӯҳро ситораи хира барин намоён мешавад. Бобокалонони мо онро ситораи Зӯҳро гуён ном мебурдаанд. Дар натиҷаи вулқонҳо зада баромадан, дар сатҳи сайёра кӯҳҳо ба вуҷуд омадааст. Сатҳи Зӯҳро бо оксиди карбонат ва нитроген зич иҳота карда шудааст. Дар сатҳи сайёра ҳарорат рӯзона то +470°С ва шабона дар атрофи +80°С мешавад. Дар Зӯҳро ҳаёт нест.

## Миррих (Марс)

Диаметри Миррих аз диаметри Замин 2 маротиба хурд аст. Намуди берунаи ранги он *сурх* мебошад.

Сатҳи сайёра аз санг ва регҳо иборат аст. Дар сатҳи он кӯҳҳо бисёр аст. Дар сатҳи он кӯҳҳои то 25 000 метр баландӣ дошта вуҷуд дорад. Сатҳи он бо газҳои оксиди карбонат, нитроген ва аргон иҳота шудааст.

Дар Миррих ҳарорат рӯзона дар атрофи +20°С ва шабона дар атрофи −100°С мешавад. Аз Зӯҳро порчаҳои оби яхшуда ёфт шудааст. Лекин дар ин сайёра низ ҳаёт набуданаш маълум шудааст.

## Муштарӣ (Юпитер)

Муштарӣ сайёраи калонтарин ба ҳисоб меравад. Диаметри он аз диаметри Замин 11 маротиба калон аст. Ин сайёра калон бошад ҳам, дар сатҳи он кӯҳ ва чуқуриҳо нест. Чунки сатҳи он асосан бо газҳои гидроген ва гелий иҳота шудааст.

Сатҳи Муштарӣ рӯзона ҳам хунук шуда, ҳарорат то −100°С паст мешавад.

## Зуҳал (Сатурн)

Сайёраи Зуҳал ҳам калон аст. Он аз Муштарӣ каме хурдтар мебошад. Зуҳал сайёраи ҳалқанок аст. Ҳалқаҳои он аз моддаҳои дар ҳолати моеъ буда иборат аст. Онро газҳои гидроген, гелий ва метан иҳота карда меистад. Ҳарорати он рӯзона дар атрофи −178°С мешавад.

## Уран

Диаметри сайёраи Уран аз диаметри Замин 3 маротиба калон аст. Сатҳи сайёра аз моддаҳои яхкарда иборат аст. Сатҳи он бо газҳои гидроген, гелий ва метан иҳота карда шудааст. Ҳарорати он рӯзона дар атрофи −210°С мешавад.

## Нептун

Сайёраи Нептун аз сайёраи Уран каме калон аст. Сатҳи он аз моддаҳои дар ҳолати моеъ буда иборат мебошад. Сатҳи онро газҳои гидроген, гелий ва метан печонида гирифтааст. Ҳарорати сатҳи Нептун рӯзона дар атрофи −200°С мешавад.

**Калимаҳои асосӣ:** Системаи Офтоб, сайёра, мадор, Уторид, Зӯҳро, Миррих, Муштарӣ, Зуҳал, Уран, Нептун.

1. Системаи Офтобро чӣ гуна ҷисмҳои осмонӣ ташкил медиҳад?
2. Сайёра гуфта чиро мегӯянд?
3. Дар бораи сайёраҳо чиҳоро дониста гирифтед?

Ҳар як сайёраи дар системаи Офтоб бударо кашед ва номҳои онро нависед.

## КОМЕТАҲО

Шабҳо дар байни ситораҳо «сар» ва аз дунболи он раванда аз «дум» иборат буда, ҷисми осмониро мушоҳида кардан мумкин (расми 7).

**Ҷисми осмонии дар системаи Офтоб будаpo, ки аз «сар» ва «дум» иборат аст, «*комета*» меноманд.**

Сари кометаҳо аз санги сахт, оҳан ва дигар моддаҳо, думаш бошад аз газ ва гардҳо иборат аст. Диаметри сари он як чанд километр ва дарозии думи он бошад, як чанд миллион километрро ташкил медиҳад.

Дар байни кометаҳо, кометаҳои ниҳоят калон вуҷуд дорад, ки дарозии онҳо аз 200 миллион километр зиёд, яъне аз масофаи аз Замин то Офтоб буда ҳам калон аст.

Кометаҳо дар атрофи Офтоб ба мисли Сайёраҳо давр зада намегардад. Онҳо мадори сайёраҳоро бурида гузашта, гоҳо ба Офтоб наздик ва баъзан дур мешавад. Масалан, сари кометаи калон ба назди сайёраи Зӯҳро бошад, нӯги думи он дар назди сайёраи Миррих буданаш мумкин. Базан сайёраҳо дар роҳи худ аз байни думи комета мегузарад. Дар системаи Офтоб аз ҳазорҳо зиёд кометаҳо вуҷуд дорад.



**Расми 7.** Комета

Думи кометаҳоро сайёраи Замин ҳам бурида гузаштанаш мумкин аст. Агар ҳамин тавр ҳодиса рух диҳад, гард ва газҳои думи кометаро ташкилдиҳанда, дар ҳавои кураи Заминро иҳота кардаистода нест шуда меравад.

Ба мо дар байни 200 сол ду маротиба кометаҳо бо Замин рӯ ба рӯ шуданаш маълум. Дар ду ҳолат ҳам думи комета кураи Заминро бурида гузаштааст. Лекин кураи Замин зарар надидааст.

Мабодо сари комета ба кураи Замин наздик шавад, санг ва оҳанҳои дар он буда, ба ҳаво меравад. Чунки сари комета ба Замин ҳангоми бо суръати хеле калон наздик шудан дар ҳаво об шуда меравад.

**Ҳавои Заминро иҳота кардаистода моро аз кометаҳо ҳимоя карда меистад.**

## МЕТЕОРҲО

Дар системаи Офтоб ба ғайри сайёраҳо ва кометаҳо, «сангҳои дайду»-и бешумор низ мавҷуд аст. Дар атрофи кураи Замин «сангҳои дайду»-и хеле бисёр бо сайёраи мо якҷоя дар атрофи Офтоб паҳлӯ ба паҳлӯ давр зада мегардад. Баъзеи онҳо ҳангоми бо сайёраи мо наздик шудан кураи Замин онҳоро ба худ мекашад. Ин гуна «сангҳои дайду»-и ниҳоят бо суръати баланд ба болои Замин парида омада истода, дар ҳаво сӯхта меравад (расми 8).



**Расми 8.** Метеор

**Ҷисми осмоние, ки дар ҳаво сӯхта, изи равшан мегузорад, *метеор* номида мешавад.**

Калимаи «*метеор*», маънои «*ҳодисаи осмон*»-ро мефаҳмонад. Дар осмон метеорҳо, яъне «ситораҳои паррон»-ро ҳар шаб дидан мумкин аст. Қариб ҳамаи метеорҳо ба болои Замин омада нарасида, сӯхта тамом мешавад. Дар баъзе ҳолат метеорҳо сӯхта тамом нашуда, ба сатҳи Замин омада меафтанд.

Одатан метеорҳои ба Замин омада афтида аз якчанд килограмм то якчанд тонна мешаванд. Онҳо асосан аз санг, оҳан ва дигар моддаҳо иборат аст.

Агар рӯи Заминро ҳаво иҳота намекард, ҳар рӯз ба сайёраи мо ҳазорҳо метеорҳо омада афтида, шаҳр ва деҳаҳоро вайрон карда, ҳаёти рӯи Заминро барҳам медод.

**Ҳавои Заминро иҳота кардаистода моро аз метеорҳо ҳимоя карда меистад.**

**Калимаҳои асосӣ:** «ситораи думдор», «комета», «сангҳои дайду», «ситораи паррон», «ҳодисаи осмон», «метеор».

1. Чӣ гуна ҷисми осмониро комета мегӯянд? Онҳо дар кадом шакл ва ҳаҷм мешаванд?
2. Метеор чӣ гуна ҷисми осмонист? Оё шабҳо онҳоро дар осмон дидаед?
3. Моро аз комета ва метеорҳо чӣ ҳимоя карда меистад?

# МОҲ – РАДИФИ ТАБИИИ ЗАМИН

Дар баробари дар атрофи Офтоб давр зада гаштани сайёраҳо дар атрофи сайёраҳо ҳам ҷисмҳои осмонӣ давр мезанад.

**Ҷисми калони осмоние, ки доимо дар атрофи сайёра давр зада мегардад, *радифи табиӣ* номида мешавад.**

Радифи табиии сайёраи Замин Моҳ мебошад (расми 9). Моҳ атрофи Заминро дар 27 рӯзу 8 соат як маротиба давр мезанад. Дурии он аз Замин ба 384 400 километр баробар аст. Моҳ ҳам дар шакли кура аст (расми 10). Диаметри он 3500 километр, яъне аз диаметри Замин 4 маротиба хурд мебошад.

Сатҳи Моҳ ба сатҳи Замин монанд нест. Дар Моҳ растанӣ ва ҳайвонот вуҷуд надорад. Дар сатҳи он табиати беҷон ҳукм меронад. Чунки дар Моҳ чизи барои ҳаёт зарурбуда ҳаво ҳам об ҳам мавҷуд нест.

Дар Моҳ ҳарорат рӯзона +120°C ва шабона –160°C мешавад. 15 шабонарӯзи он рӯз буда, пас аз он 15



**Расми 9.** Давр задани Моҳ дар атрофи Замин



**Расми 10.** Намуди Моҳ

шабонарӯзи он торик мешавад. Барои ҳамин ҳам мақоли халқии «15 рӯзи моҳ торик ва 15 рӯзи он равшан» аз ҳамин омада баромадааст.

Аз Замин намуди Моҳ дар ҳолати гуногун мешавад. Шабона баъзан Моҳ намоён намешавад. Аз байн як чанд рӯз гузашта, дар шакли хурд моҳи ҳилол намоён мешавад. Бо гузашти рӯзҳо моҳи ҳилол калон шуда, ба моҳи нимпурра табдил меёбад. Моҳи нимпурра рӯз то рӯз пурра шуда, пас аз як ҳафта ба моҳи пурра мубаддал мешавад (расми 11). Пас аз гузашти рӯзҳо боз хурд шуда истодани моҳи пурраро мушоҳида намудан мумкин аст. Дар ҳамин ҳолат моҳи пурра боз ба моҳи нимпурра, сипас ба намуди моҳи ҳилол омада мерасад.

Пас аз якчанд рӯз Моҳ тамоман маълум нашуда мемонад. Боз бо гузашти якчанд рӯзи дигар шабона дар гумбази осмон моҳи ҳилол пайдо мешавад. Ҳамин тариқ, Моҳ намуди худро дигар карда меистад.

Моҳ аз худ нур намебарорад. Он нурҳои Офтобро бармегардонад. Нисфи моҳи ба тарафи Офтоб нигарон равшан, қафояш бошад, торик мешавад. Шабона ба мо фақат қисми фурӯзони Офтоб равшан карда истодаи он маълум мешаваду халос.




**Расми 11.** Ҳолатҳои намуди Моҳ: 1 — моҳи ҳилол; 2 — моҳи нимпурра; 3 — моҳи пурра

Ҳама вақт қисми фурӯзони ба он Офтоб афтида истода ба мо пурра намоён шуда намеистад. Калон ё ки хурд намоён шуда истодани қисми равшании он ҷойгиршавии Моҳ ва Офтоб нисбатан ба ҳолати Замин вобаста аст.

1. Лампаи мизиро даргиронда, дар роҳи нури он тӯбро гузоред. Лампаро Офтоб гуфта, тӯбро бошад, Моҳ гӯён тасаввур кунед. Ба тӯб аз тарафи лампа нигаред. Дар он рӯи равшаншудаи тӯбро пурра мебинед. Моҳи пурра ҳамин тавр ҳосил мешавад.
2. Ба тӯб аз паҳлӯяш нигаред. Нисфи тӯб равшан намоён мешавад. Моҳи нимпурра ҳам ҳамин тавр ҳосил мегардад.
3. Ба тӯб чунин нигаред, ки тарафи равшани он каме намоён шавад. Моҳи ҳилол низ ҳамин хел ҳосил мешавад.

**Калимаҳои асосӣ:** радифи табиӣ, Моҳ, моҳи ҳилол, моҳи нимпурра, моҳи пурра.

1. Радифи табиӣ гуфта, чиро мегӯянд? Номи радифи табиии Заминро гӯед?
2. Моҳ атрофи Заминро дар чанд вақт давр зада мебарояд? Масофаи аз Замин то Моҳ бударо гуфта диҳед?
3. Диаметри Моҳ чӣ қадар буда, он аз Замин чанд маротиба хурд аст?
4. Дар бораи сатҳи Моҳ чиҳоро медонед? Барои чӣ дар сатҳи он чуқуриҳо бисёр аст?
5. Барои чӣ Моҳ ба мо дар шаклҳои ҳархела намоён мешавад.

Ҳолатҳои шакли ҳархелаи Моҳро ба дафтаратон кашед.

# КУРАИ ЗАМИН

**Диаметри** кураи Замин 12 800 километрро ташкил мекунад. **Дарозии экватор**, яъне давраи аз маркази кураи Замин гузаронидашуда ба 40 000 км баробар аст. Сохти дохилии кураи Заминро ба 5 қисм ҷудо кардан мумкин аст (расми 12).




**Расми 12.** Сохти дохилии кураи Замин

*Қисми 1-ум* маркази кураи Замин буда, аз оҳан ва дигар моддаҳои дар ҳолати сахт буда ташкил ёфтааст.

*Қисми 2-юм* аз оксиген, карбон, сулфур ва гидроген барин моддаҳо иборатбуда, онҳо дар ҳолати моеъ мебошанд.

*Қисми 3-юм* аз оҳан ва дигар моддаҳои дар ҳолати мулоимбуда ташкил ёфтааст.

*Қисми 4-ум* аз оҳан ва дигар моддаҳои дар ҳолати сахтбуда иборат аст.

*Қисми 5-ум* қишри Замин номида мешавад. Он аз моддаҳои гуногун ташкил ёфтааст. Канданиҳои фоиданок низ дар қишри Замин мешаванд. Хок ва регҳо дар сатҳи Замин ҷойгир шудааст.

Ҳар як ҷисм боло ва поён дорад. Лекин кураи Замин боло ва поён надорад (расми 13). Одамон дар кучаҳои рӯи Замин истода бошанд ҳам, худашонро дар болои Замин истода барин тасаввур



**Расми 13.** Замин ба худаш кашида меистад

мекунанд. Масалан, мо дар болои кураи Замин истодаем гуфта фикр мекунем. Одамони дар тарафи қафо будаи кураи Замин нисбат ба мо пойҳояшон ба боло, сарашон ба паст, яъне поён мешаванд. Лекин онҳо ҳам дар болои кураи Замин истодаем гуфта фикр мекунанд.

Кураи Замин дигар чизҳои дар болояш, поёнаш ва паҳлӯяш будаоро ҳам ба худаш кашида меистад.

## ГЛОБУС

Одатан барои омӯхтани чизҳои хаҷман калон аз модел, яъне нусхаи он истифода мебаранд. **Модел, яъне нусха**— тасвири хурдкардашудаи чизҳои ҳаҷман калон аст. Барои омӯхтани кураи Замин аз нусхаи он истифода бурда мешавад.

**Тасвир, яъне нусхаи хурдкардашудаи кураи Замин, *глобус* номида мешавад.**

Калимаи *глобус* маънои *кураро* мефаҳмонад. Калонии ҳаҷми глобус аз кураи Замин якчанд миллион маротиба хурд мешавад. Калонии ҳаҷми глобуси мактаб тӯби футбол барин мешавад (расми 14).



**Расми 14.** Глобус: 1 — меҳвари даврзанӣ; 2 — экватор

Меҳвари аз маркази глобус гузаронидашудаоро **меҳвари даврзанӣ** меноманд. Ҷойҳои баромада истодаи меҳвари даврзанӣ ба **қутбҳои шимолӣ** ва **қутбҳои ҷанубӣ** рост меоянд. Давраи аз маркази глобус гузаронида шуда, **экваторро** мефаҳмонад.

Дар глобус кӯҳҳо, ҳамвориҳо ва ҳавзаҳои обии рӯи Замин бо рангҳои гуногун тасвир карда мешаванд.



**Расми 15.** Глобуси Берунӣ сохт

Яке аз глобусҳои аввалинро алломаи бузург **Абурайҳон Берунӣ** (973–1048) сохтааст. Диаметри ин глобуси дар шакли нимкура буда, ба 5 м баробар будааст (расми 15).

Берунӣ дар тарафи паси кураи Замин ҳам хушкӣ буданашро пешгӯӣ кардааст. Аз байн қариб пас аз 500 сол гузаштан, сайёҳи испан Христофор Колумб хушкии дар паси кураи Замин буда – қитъаи Америкаро кашф кардааст.

**Калимаҳои асосӣ:** кураи Замин, қишри Замин, глобус, модел (нусха), қутби шимолӣ, қутби ҷанубӣ, экватор.

1. Диаметри Замин ва дарозии экватор чӣ қадар аст?
2. Сохти дохилии кураи Заминро фаҳмонда диҳед.
3. Глобус чист? Аз он ба кадом мақсад истифода мебаранд?
4. Аз глобус меҳвари даврзанӣ, қутбҳои шимолӣ ва ҷанубӣ, инчунин экваторро нишон диҳед.
5. Дар бораи глобуси Берунӣ сохта чиҳоро медонед?

## ИВАЗШАВИИ ШАБУ РӮЗ

Мо «Офтоб баромад», «Офтоб нишаст» мегӯем. Дар асл Офтоб дар як ҷой меистад, кураи Замин бошад, давр мезанад.

**Вақти сарфшудаи дар атрофи меҳвари худ як маротиба пурра давр задани кураи Заминро шабонарӯз меноманд.**

Тарафи Офтоб равшан кардаистодаи кураи Заминро рӯз ва тарафи торики он шаб мебошад. Ба туфайли дар меҳвари худ давр задан дар рӯи Замин шаб ва рӯз иваз мешавад (расми 16).

**Ҳангоми дар атрофи меҳвари худ давр задани кураи Замин *рӯз* ва *шаб* иваз мешавад.**



1. Глобус ва лампаи электрикиро аз ҳамдигар дар масофаи 1 м дур гузоред. Нисфи глобуси ба тарафи лампа нигарон кардашуда даргиронда шудааст, қафояш бошад, дар ҳолати дарнагиронда мебошад. Қисми даргирондаи он рӯз ва қисми дарнагирондаи он шаб мешавад.

2. Глобусро оҳиста давр занонед. Глобус чанд маротиба давр занонда шуда бошад, тарафҳои равшан ва торики он ҳам ҳамон қадар иваз мешавад.




**Расми 16.** Ивазшавии шабу рӯз

## ИВАЗШАВИИ ФАСЛҲОИ СОЛ

Сайёраи Замин барои дар атрофи Офтоб як маротиба давр зада баромаданаш 365 шабонарӯзу 6 соат вақт меравад.

**Вақти сарфшудаи барои як маротиба дар атрофи Офтоб давр зада баромадани кураи Замин *сол* номида мешавад.**

Як сол 365 шабонарӯзу 6 соат буданаш пайи ҳам се солро 365 шабонарӯз гуфта, соли чоруминро бошад, 366 шабонарӯз гуфта мегиранд. Масалан, солҳои 2009-, 2010- ва 2011 аз 365 шабонарӯз иборат бошад, соли 2012 аз 366 шабонарӯз иборат аст. Дар соли 365 шабонарӯздошта моҳи феврал аз 28 рӯз, дар соли 366 шабонарӯздошта бошад, феврал аз 29 рӯз иборат мешавад.

Кураи Замин дар атрофи Офтоб дар ҳолати ба як тараф майл намудан давр мезанад. 4 ҳолати давр зада баромадани кураи Заминро дар давоми 1 сол дар атрофи Офтоб дида мебароем (расми 17).




**Расми 17.** Дар атрофи Офтоб давр задани Замин

*Ҳолати 1-ум.* Нурҳои Офтоб қисми пасти экватори кураи Заминро бештар рӯшноӣ медиҳад. Ин ҳолат ба фасли **зимистон** рост меояд. Нурҳои Офтоб ба ҷойҳои баланди экватори кураи Замин, масалан барои ба кишвари мо кам афтиданаш рӯзҳо хунук мешавад.

*Ҳолати 2-юм.* Нурҳои Офтоб қисми баланд ва пасти экваторро як хел рӯшноӣ мекунад. Ин ҳолат ба фасли баҳор рост меояд.

*Ҳолати 3-юм.* Нурҳои Офтоб қисми баланди экваторро бештар рӯшноӣ мекунад. Ин ҳолат ба фасли **тирамоҳ** рост меояд. Дар ҷойҳои аз экватор баланд буда, гарм мешавад.

*Ҳолати 4-ум.* Нурҳои Офтоб қисми баланд ва пасти экваторро як хел рӯшноӣ мекунад. Ин ба фасли тобистон рост меояд.

**Ҳангоми дар атрофи Офтоб ба як тараф дар ҳолати моил давр задани кураи Замин, *фаслҳои сол* ҳосил мешавад.**

Лампаи электрикӣ ва глобусро гиред. Дар он лампаро Офтоб ва глобусро бошад, кураи Замин гӯён тасаввур кунед. Лампаро даргиронед. Меҳвари давр задани глобусро ба як тараф, дар ҳолати моил будан дар атрофи лампа як маротиба давр занонед. Оқибат 4 ҳолати дар расми 17-ум додашударо ҳосил мекунед. Ҳар як ҳолатро фаҳмонда диҳед.

**Калимаҳои асосӣ:** шабонарӯз, рӯз, шаб, сол, фаслҳои сол.

1. Шабонарӯз гуфта чиро мегӯянд?
2. Рӯз ва шаб ба кадом тарз иваз мешавад?
3. Сол гӯён чиро мегӯянд?
4. Фаслҳои сол ба кадом тарз иваз мешаванд?
5. Агар давр задани меҳвари Замин ба як тараф дар ҳолати моил намебуд, чӣ мешуд?

# ГУНОГУНИИ ТАБИАТИ САТҲИ ЗАМИН



## ТАРАФҲОИ АСОСИИ УФУҚ

Ба майдони кушод баромада, ба муҳити атроф нигоҳ кунем, қисми бо хати доиравӣ иҳота кардашудаи сатҳи Заминро мебинем. Ана ҳамин қисмро ба доира монанд кардан мумкин.

**Қисми сатҳи Замин, ки дар ҷои кушод ва ҳамвор дар шакли доира намоён аст, *уфуқ* номида мешавад.**

Замин барои дар шакли кура буданаш ҳам дурии *хати уфуқ* маҳдуд карда шудааст. Дар ҷои кушод ва ҳамвор ба мо ҷойҳои дуриаш то 4 км буда маълум мешавад.

Уфуқ 4 тарафи асосӣ дорад. Тарафи Офтоб мебаромада – *шарқ*, тарафи Офтоб менишаста – *ғарб*. Барои дигар тарафи уфуқро муайян кардан дастонатонро чунон дароз кунед, ки дасти ростатон тарафи шарқ, дасти чапатон тарафи ғарбро нишон диҳад. Дар ин ҳолат тарафи шумо нигоҳ карда истода – *шимол,* ақибатон – *ҷануб* мешавад (расми 18).




**Расми 18.** Тарафҳои асосии уфуқ

Тарафҳои уфуқро ба таври мухтасар бо чунин аломатҳо ишора кардан қабул карда шудааст: шарқ – **Шқ**, ғарб –**Ғ**, шимол – **Ш**, ҷануб – **Ҷ**.

**Шарқ, ғарб, шимол ва ҷануб, *тарафҳои асосии уфуқ* номида мешавад.**

Дар замонҳои қадим одамон дар сафарҳои дур пиёда, бо асп ё ки бо шутур ба роҳ баромадаанд. Барои корвониёни дар чўлу биёбон мерафта ҳам, баҳрнавардони ба сафари дур мерафта ҳам тарафҳои уфуқро донистанашон зарур будааст. Дар он давр асбоби тарафҳои уфуқро нишондиҳанда набуд. Одамон шабона дар гумбази осмон нисбатан ба ҳамдигар ҷойгиршавии ситораҳоро нигариста, тарафҳои уфуқро муайян кардаанд.

Тарафҳои уфуқро ба аломатҳои маҳаллӣ нигариста ҳам муайян кунад мешавад. Масалан, шохҳои ба тарафи ҷануб будаи дарахтон зичтар, шохҳои ба тарафи шимол будаи дарахтон бошад сирак мешавад.

Ба кундаи дарахти буридашуда нигариста ҳам тарафҳои уфуқро муайян кардан мумкин. Қисми ҷои дурбудаи байни ҳалқаҳои буридашудаи кунда ба тарафи ҷануб, қисми ҳалқаҳояш зич ҷойгиршуда бошад, ба тарафи шимол рост меояд (расми 19).




**Расми 19.**
Кундаи дарахт

Барои муайян кардани тарафҳои уфуқ асбоби махсус – компас ихтироъ карда шудааст (расми 20).

**Асбобе, ки барои муайян кардани тарафҳои уфуқ истифода бурда мешавад, *компас* (*қутбнамо*) номида мешавад.**

Барои аз компас истифода бурдан онро ба болои миз ё ки ба каф бардошта, мурвати он кашида мешавад. Дар ин ҳолат ақрабакҳои компас каме ҷунбида, ба ду тарафи уфуқ рафта меистад. Ақрабаки ҳаворанг дошта шимол, ақрабаки ранги сурх дошта бошад, ҷанубро нишон медиҳад.




**Расми 20.**
Компас

Қуттичаи компасро тоб дода, ҷои аломати шимол (Ш) гузошта шудаи он ба ақрабаки ҳаворангнок рост карда гузошта мешавад. Пас аз он дигар тарафҳои уфуқ ҳам маълум мешавад. Дар гардиши компас тарафҳои шарқ (Шқ), ҷануб (Ҷ) ва ғарб (Ғ) уфуқ ҳам навишта шудааст.

1. Дар ҳолати тарафҳои баромад ва нишастани Офтобро донистан нисбатан ба мактабатон тарафҳои уфуқро муайян кунед.
2. Дар тарафи шимоли мактабатон чиҳо мавҷуд аст (дӯкон, кӯча, боғ, дашт ва ҳоказо)? Дар тарафҳои шарқ, ҷануб ва ғарб чӣ?

**Калимаҳои асосӣ:** уфуқ, хати уфуқ, тарафҳои асосии уфуқ, шарқ, ғарб, шимол, ҷануб, ситораи қутбӣ, компас.

1. Уфуқ гуфта чиро мегӯянд? Тарафҳои асосии уфуқро гӯед.
2. Бо ёрии шохҳои дарахт ва кундаи буридашудаи дарахт тарафҳои уфуқ чӣ хел ёфта мешавад?
3. Компас гуфта чӣ гуна асбобро мегӯянд? Бо ёрии он тарафҳои уфуқ чӣ хел муайян карда мешавад?

Дар тарафи шимол, шарқ, ҷануб ва ғарбии хонаатон чиҳо буданашро ба дафтаратон нависед.

# ХАРИТАИ НИМКУРАҲО

Барои омӯхтани рӯи Замин ва баъзе қисмҳои он аз глобус не, балки аз харита истифода бурда мешавад. Дар глобус рӯи Замин дар сатҳи кура тасвир карда шавад, дар харита ҷойҳо дар шакли ҳамвор тасвир карда мешавад.

---




**Расми 21.** Харитаи табиии нимкураҳо

***Харита*** **— тасвири рӯи Замин ё ки баъзе қисмҳои хурдкардашудаи он мебошад.**

Сатҳи глобусро ба ду тақсим карда, дуто харитаи нимкураи дар шакли доирабуда тартиб дода шудааст (расми 21).

НИМКУРАИ ШАРҚӢ




Чадвали баландӣ

200 500 2000 3000 5000 аз 5000 м баланд

Масштаб
1 : 150 000 000
1 см – 1 500 км

**Тасвири доирашакли ба ду тақсимшудаи сатҳи кураи Замин, *харитаи нимкураҳо* номида мешавад.**

Аз харитаи нимкураҳо яке – ***харитаи ғарбии нимкура,*** дуюмӣ – ***харитаи шарқии нимкура*** номида мешавад.

## МАСШТАБ (МИҚЁС)

Дар харита якчанд маротиба хурд карда нишон дода шудани сатҳи Замин ё қисми он бо воситаи аломати шартии махсус нишон дода мешавад.

**Аломати шартие, ки дар харита сатҳи Замин ё қисми он якчанд маротиба хурд карда нишон дода шудааст, *масштаб* номида мешавад.**

Дар расми 21-ум дар харитаи нимкураҳои тасвиршуда масштаб 1:150 000 000 гӯён дода шудааст. Ин аломати шартӣ, сатҳи Заминро дар харита яксаду панҷоҳ миллион маротиба хурд карда тасвир шуданашро мефаҳмонад.



1. Аз масштаби харитаи нимкураҳо истифода бурда, дарозии экватори кураи Заминро ҳисоб мекунем. Барои ин экватори харитаи нимкураҳои ғарбӣ ва шарқиро чен мекунем.

2. Аз рӯи натиҷаи чен кардан дарозии экватори харитаи нимкураҳо аз 13 см, ҳар дуяш дар якҷоягӣ 26 см буданашро муайян мекунем. Масштаб барои 1 см – 1 500 км буданаш, 26·1500 км=39 000 км. Онро 40 000 км гӯён гирифтан мумкин. Дар ҳақиқат, дарозии экватор 40 000 км-ро ташкил меди ҳад.

## ГУНОГУНИИ ХАРИТАҲО

Харитаҳо ба қисмҳои табиӣ, сиёсӣ, маъмурӣ ва дигар навъҳо тақсим мешавад. Дар харитаҳо уқёнус, баҳр, кӯл

барин ҳавзаҳои обии ҳаворанг тасвир карда мешавад. Дарёҳои ҳаворанг бо хати каҷ тасвир карда мешавад.

Ҳама баҳрҳои рӯи Замин бо якдигар бо воситаи уқёнусҳо пайваст шудаанд. Барои ҳамин ҳам тамоми сатҳи баҳр ва уқёнусҳои рӯи Замин, яъне баландии оби онҳо як хел мешавад. Барои муайян кардани баландии хушкиҳои рӯи Замин аз ҳамин истифода бурда мешавад. Дар он баландии хушкӣ нисбати сатҳи баҳр чен карда мешавад. Масалан, қуллаи кӯҳи намоён шудаистода ё ки шаҳри шумо зиндагӣ кардаистода, аз деҳа нисбатан 2 000 м дар баландӣ бошад. Агар шаҳр ё ки деҳаи шумо аз сатҳи баҳр 500 м баланд бошад, дар он ҳолат баландии қуллаи кӯҳ 2 500 метрро ташкил мекунад.

***Дар харитаи табиӣ*** **хушкӣ аз ҷиҳати баландӣ бо рангҳои ҳархела тасвир карда мешавад.**

Ҳар як ранги дар харитаи табиӣ буда аз сатҳи баҳр чӣ қадар баланд будани ҳамон ҷойро мефаҳмонад. Баландии ҷойро аз ҷадвали баландии харитаи табиӣ, ки бо аломати шартӣ оварда шудааст, дониста гирифтан мумкин. Харитаи дар расми 21-ум тасвиршуда харитаи табиӣ мебошад. Аз ҷадвали баландии дар поёни харита оварда истифода бурда, ихтиёран чанд метр баланд будани ҷойҳои хушкии рӯи Замин аз сатҳи баҳрро муайян кардан мумкин аст.

Дар харитаи нимкураҳои табиӣ баландии тамоми хушкии рӯи Замин акс ёфтааст. Дар харитаҳои табиие, ки дар он як қисми рӯи Замин тасвир карда шудааст, низ мавҷуд аст. Харитаи табиии кишвари мо Республикаи Ӯзбекистон аз ҷумлаи чунин харитаҳо мебошад. Дар ин харита сатҳи баландии ҳудуди кишварамон аз сатҳи Замин бо рангҳои гуногун тасвир карда шудааст.

***Дар харитаи сиёсӣ*** **сарҳадҳои ҳар як давлат нишон дода шуда ва ҳудуди соҳиб шудаи ҳар як давлат бо ранги алоҳида тасвир карда мешавад.**

Масалан, дар харитаи сиёсӣ ҳудуди Ӯзбекистон бо ранги сабз нишон дода шуда бошад, ҳар як ҳудуди давлатҳои ба он ҳамсоя бо рангҳои алоҳидаи зард, сурх, ҷигарранг, хокистарранг ва ғайраҳо нишон дода мешавад.

***Дар харитаи маъмурӣ*** **тақсимшавии ягон мамлакати маълум тасвир карда мешавад.**

Масалан, дар харитаи маъмурии Республикаи Ӯзбекистон сарҳадҳои Республикаи Қароқалпоқистон ва ҳар як вилоят нишон дода, инчунин ҳудудҳои онҳо бо рангҳои алоҳида ранг карда шудааст.

1. Аз харитаи табиии нимкураҳо хушкиҳои сатҳи Замин аз сатҳи баҳр то 100 м бударо дида бароед.
2. Ҷойҳои баланди рӯи Замин, яъне ҷойҳои кӯҳҳои баландро дида бароед.

**Калимаҳои асосӣ:** харита, харитаи нимкураҳо, масштаб, сатҳ, ҷадвали баландӣ, харитаи табиӣ, харитаи сиёсӣ, харитаи маъмурӣ.

**1.** Харита чист? Фарқи онро аз глобус гуфта диҳед.
**2.** Харитаи нимкураҳо гуфта чӣ гуна харитаро мегӯянд?
**3.** Масштаб чист? Бо ёрии масштаб масофаи як ҷой то ҷои дигар чӣ хел муайян карда мешавад?
4. Дар харитаи табиӣ сатҳи Замин чӣ хел тасвир карда мешавад?
**5.** Харитаи сиёсӣ ва харитаи маъмурӣ гуфта чӣ хел харитаҳоро мегӯянд?

# ШАКЛҲОИ АСОСИИ САТҲИ ЗАМИН

## Кӯҳ ва ҳамвориҳо

Дар қисми хушкии сатҳи Замин ҷойҳои ҳамвор—**ҳамвориҳо** ва ҷойҳои баланд — **кӯҳҳо** алоҳида ҷудо шуда меистад.

***Кӯҳҳо ва ҳамвориҳо*** **— шаклҳои асосии хушкиҳои рӯи Замин аст.**

Дар рӯи Замин кӯҳҳо дар шакли танҳо кам аст. Онҳо бештар бо якдигар қатор мешаванд (расми 22).

**Кӯҳҳое, ки дар як қатор бо ҳамдигар пайвастанд,** ***қаторкӯҳ*** **номида мешавад.**

Қаторкӯҳҳо ба даҳҳо, ҳатто ба садҳо километр тӯл мекашанд. Кӯҳҳо дар харитаи табиӣ ҷигарранг тасвир карда мешавад. Ба рангҳои баланду хираи онҳо нигариста, пасту баландии кӯҳҳоро муайян кардан мумкин. Ранг чӣ қадар хира бошад, баландии кӯҳ ҳам ҳамон қадар баланд ба ҳисоб меравад.



**Расми 22.** Қаторкӯҳи Чотқол

Нисфи зиёди хушкиҳои рӯи Заминро кӯҳҳо иҳота кардаанд. Аз харитаи табиии нимкураҳо ҷойҳои кӯҳҳо иҳота-кардаро дида баромадан мумкин.

Қуллаи кӯҳи аз ҳама баландтарини рӯи Замин **қуллаи Ҷамолунгма (эверест)**-и қаторкӯҳи Ҳимолой буда, баландии он 8 848 м аст.

Ҳамвориҳо нисбати баландӣ ба пастҳамворӣ, теппаҳо ва паҳнкӯҳҳо тақсим мешавад.

**Баландии ҳамвориҳо аз сатҳи баҳр то 200 м бошад – пастҳамворӣ, аз 200 м то 500 м буда теппаҳо аз 500 м баланд бошад – *паҳнкӯҳ* номида мешавад.**

Дар харитаи табиӣ пастҳамвориҳо бо рангҳои сабз, теппаҳо бо зардчатоб, паҳнкӯҳҳо бошад бо ҷигарранги баланд тасвир карда мешавад.

Қисми зиёди хушкиҳои рӯи Заминро ҳамвориҳо ташкил медиҳад. Онҳо намудҳои гуногун доранд. Ҳамвориҳо аз ҷойҳои ҳамвор, теппаҳо ва ҷарҳо аз чуқуриҳо низ иборат мешавад (расми 23).



Харитаи табиии нимкураҳоро аз назар гузаронед. Дар кучои рӯи Замин кӯҳҳо бисёр ва дар кучояш ҳамвориҳо буданашро дида бароед.



**Расми 23.** Ҳамвориҳои ҳамвор (1), теппа (2) ва ҷарнок (3)

## Материкҳо ва уқёнусҳо



**Расми 24.** Соҳили уқёнус

Хушкии рӯи Замин асосан ба 6-то хушкии калон тақсим шудааст. Ҳар як хушкии калон материк номида мешавад. Материкҳои рӯи Замин бештар чунин ном бурда мешавад: **Евросиё, Африка, Америкаи Шимолӣ, Америкаи Ҷанубӣ, Австралия** ва **Антарктида.** Ин материкҳоро 4-то уқёнус печонида меистад: **уқёнуси Ором, уқёнуси Атлантика, уқёнуси Ҳинд** ва **уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ.**

Таги оби Уқёнус ҳам ба монанди хушкӣ аз кӯҳ ва ҳамвориҳо иборат аст. Ҳамвориҳо майдони хеле калонро соҳибанд. Қаторкӯҳҳои таги об баланд буда, ба масофаи хеле дур тӯл кашидаанд.

Чуқурии миёнаи уқёнусҳо дар атрофи 2 000—3 000 м мешавад. Чуқурии баъзе ҷойҳои уқёнусҳо аз 5000 м зиёд аст. Ҷои аз ҳама чуқур **гулӯгоҳи Марианаи** уқёнуси Ором буда, чуқурии он 11 022 м-ро ташкил медиҳад.

Соҳили уқёнусҳо хеле зебо аст (расми 24).

**Калимаҳои асосӣ:** кӯҳ, қаторкӯҳ, ҳамворӣ, пастхамӣ, теппа, паҳнкӯҳ, материк, уқёнус.

1. Хушкиҳои рӯи Замин ба кадом шаклҳои асосӣ соҳиб аст?
2. Қаторкӯҳҳо гуфта чиро мегӯянд? Дар харитаи табиӣ кӯҳҳо чӣ хел тасвир карда мешавад?

3. Ҳамвориҳо нисбат ба баландӣ ба кадом навъҳо тақсим мешавад?
4. Дар рӯи Замин чӣ хел материкҳо ва уқёнусҳо ҳаст?
5. Дар бораи кӯҳ ва ҳамвориҳои таги уқёнус чиҳо медонед?

Аз харитаи табиии нимкураҳо истифода бурда, дар харитаи бехат материкҳоро бо ранги сабз, уқёнусҳоро бошад бо ҳаворанг ранг кунед. Сипас номи ҳар як материк ва уқёнусҳоро нависед.

## ХАРИТАИ ТАБИИИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

Дар харитаи табиии Республикаи Ўзбекистон аломатҳои шартии гуногун оварда шудаанд (расми 25). Бо ёрии ҷадвали баландии харита, ҳудудҳои кишварамон ва сохти сатҳи Заминро муайян кардан мумкин аст.

Дар харитаи табиӣ қисми ҳудудҳои ғарбии кишварамон асосан бо ранги сабз тасвир карда шудааст. Баландии ин ҷойҳо аз сатҳи баҳр то 200 м мебошад.

**Пастхамиҳое, ки қисми ғарбии ҳудудҳои кишварамонро иҳота кардаанд, *пастхамиҳои* Тӯрон номида мешавад.**

Тарафи шарқии пастхамиҳои Тӯрон бо ранги зард тасвир карда шудааст. Баландии ин ҷойҳо теппаҳои аз 200 м то 500 м дошта мебошад. Ин гуна теппаҳо дар байни пастхамиҳои Тӯрон ҳам вуҷуд дорад. Қисми калони пастхамӣ ва теппаҳо аз чӯлҳои регнок иборат аст. Дар қисми ғарбии пастхамиҳо ботлоқзорҳо мавҷуд аст.

Ҷойҳои зарди дар харита тасвир кардашударо аз тарафи шарқ бо ранги гулобӣ ифода карда печонида меистад. Аз ҷадвали баландӣ донистан мумкин аст, ки ин ҷойҳои бо ранги гулобӣ тасвир карда шуда, аз сатҳи баҳр аз 500 м то 1 000 м буда, паҳнкӯҳҳои баландро ташкил мекунад.

Теппа ва паҳнкӯҳҳо ҳам ба мисли пастҳамворӣ ба ҳамворӣ дохил мешавад. Аммо, теппа ва паҳнкӯҳҳо нисбат ба сатҳи баҳр аз пастхамӣ баланд мешавад. Дар теппа ва паҳнкӯҳҳо ҳам заминҳои ҳамвории ҷои калонро ишғол карда низ мавҷуданд.

Майдонҳои кишти шаҳр ва қишлоқҳои мамлакатамон асосан дар теппа ва пастхамиҳо ҷойгир шудаанд.

Дар харитаи табиии Республикаи Ўзбекистон дарёҳои калон, канал, кӯл ва обанборҳо низ тасвир карда шудааст.

Бо ёрии аломатҳои шартии харитаҳо номҳои мамнӯъгоҳҳо ва тарзи ҷойгиршавии онҳо дар ҳудуди кишварамонро ҳам дониста гирифтан мумкин.

Аз харита дар ҳудуди кишварамон канданиҳои фоиданоки асосии канда мегирифта ва дар куҷо ҷойгир будани конҳои онҳоро низ муайян кардан мумкин.

**1.** Аз ҷадвали баландӣ истифода бурда, аз харитаи табиии Республикаи Ўзбекистон сатҳи ҳудуди кишварамонро дида бароед.

**2.** Аз харитаи табиии Республикаи Ўзбекистон дарёҳои калон, канал, кӯл ва обанборҳои ҳудуди кишварамонро нишон диҳед.

**1.** Пастхамиҳо аз сатҳи баҳр дар чанд метр баландӣ мешавад? Пастхамиҳо куҷои ҳудуди кишварамонро иҳота кардааст?




**Расми 25.** Харитаи табиии Республикаи Ӯзбекистон.


Канданиҳои фоиданок
— нефт
— гази табиӣ
— ангиштсанг
— ангишти ҷигарранг
— тилло
— нуқра
— волфрам
— мис
— намаки ошӣ
— мармар
— гранит
— оҳаксанг
— гипс
ҚАЗОҚИСТОН
Сирдарё
ҚИРҒИЗИСТОН
ТОҶИКИСТОН
АФҒОНИСТОН
ТОШКАНД
Қазоқтоғ
Айдаркӯл
Қаторкӯҳи Қорчонтоғ
Қаторкӯҳи Угом
Қаторкӯҳи Олой Талас
Қаторкӯҳи Писком
Қаторкӯҳи Чоткол
Қаторкӯҳи Фарғона
Қаторкӯҳи Курама
Наманган
Андиҷон
Фарғона
Қаторкӯҳи Олой
Қаторкӯҳи Нурато
Қаторкӯҳи Оқтоғ
Зарафшон
Гулистон
Ҷиззах
Кӯҳи Молгузар
Навоӣ
Самарқанд
Қаторкӯҳи Туркистон
Қаторкӯҳи Зарафшон
Қаторкӯҳи Ҳисор
Қаршӣ
Қаторкӯҳи Кӯхитангтоғ
Қаторкӯҳи Бойсунтоғ
Қаторкӯҳи Бобоғоғ
Тирмиз
1
2
3
4
5
6
7
Ҷадвали баландӣ
0 200 500 1000 2000 3000 аз 3000 м баланд
Масштаб: 1 : 5 200 000 1 см – 52 км

2. Теппаҳо аз сатҳи баҳр дар чӣ қадар баландӣ мешаванд? Аз харитаи табиии Республикаи Ўзбекистон теппаҳогиҳоро нишон диҳед.
3. Паҳнкўҳҳо аз сатҳи баҳр дар чӣ қадар баландӣ мешавад? Онҳо кучҳои ҳудуди кишварамонро иҳота кардаанд?
4. Кўҳҳо дар кадом тарафи ҳудуди кишварамон ҷойгир шудаанд? Номи қаторкўҳҳои ҳудуди кишварамонро гуфта диҳед.

Аз харитаи табиии Республикаи Ўзбекистон истифода бурда, дар харитаи бехат сатҳи Замини кишварамонро бо рангҳои тааллуқдор ранг кунед.

## ДАРЁҲО

Дар глобус ё ки харитаҳо бисёр хатҳои ҳаворанги каҷу килебро мебинед. Онҳо дарёҳоро мефаҳмонанд.

***Дарё* — яке аз шохаҳои оби калони ба чуқурӣ ҷоришаванда буда, ба тариқи табиӣ ба вуҷуд омадааст.**

Дарёҳои кишварамон асосан аз обшавии барфҳои кўҳ ҳосил мешавад. Дарёи аз ҳама дарози ҳудуди Ўзбекистон **Сирдарё** аст. Он аз қаторкўҳҳои Чотқол ва Фарғона сар мешавад. Дарозии он 3 019 км аст. Он дашт, боғҳо ва аҳолиро бо об таъмин намуда, боқимондаи обаш ба баҳри Арал мерезад.

Дарёи аз ҳама сероби ҳудуди кишварамон **Амударё** аст. Дарозии он 2 540 км. Амударё аз кўҳҳои Помир сар мешавад. Амударё дашт ва боғҳоро об дода, барои таъмин намудани аҳолӣ бо об аҳамияти калонро соҳиб



**Расми 26.** Дарёҳои кишварамон: 1 – ҷараёни пасти Амударё; 2 – Кӯксув; 3 – Тӯпаланг

аст. Дарё қисми боқимондаи обашро ба баҳри Арал мерезад.

**Зарафшон, Қашқадарё, Қундуздарё, Кофарниҳон, Сурхондарё, Шеробод, Чирчиқ, Оҳангарон, Норин, Қорадарё, Кӯксув, Тӯпаланг** (расми 26) барин дарёҳо ҳам дар бобати бо об таъмин намудан роли муҳим мебозад.

Аз кӯҳҳо ё ки теппагиҳо ба пастӣ ҷорӣ шудагузаранда дарёи хурд ё ки ҷӯйҳои калонро одатан сой ҳам мегӯянд. Сойҳо фақат дар баҳор пур шуда ҷорӣ мешаванд.

Дар дарё ва сойҳои кишварамон ба мисли зағорамоҳӣ, моҳии сурхбол, моҳии увода, лаққамоҳӣ, моҳии капур, аломоҳӣ, шӯртан, шӯртани алафхӯр, гулмоҳӣ, гулмоҳии дарё, моҳи парварда, мормоҳӣ, моҳии холдор, моҳии душоха, суфмоҳӣ ва дигар намуди моҳиҳо ҳаёт ба сар мебаранд (расми 27).

## КАНАЛҲО

Аз дарёҳо истифода бурдан ҳар доим ҳам қулай нест. Дар бисёр ҷойҳо заминҳои серҳосил мавҷуд аст, аммо об нест. Одамҳо дар ин гуна ҷойҳо каналҳо кофтаанд.




**Расми 27.** Моҳиҳои дарё ва кӯлҳои кишварамон: 1 – зағорамоҳӣ; 2 – моҳии сурхбол; 3 – моҳии удова; 4 – лаққа; 5 – моҳии капур; 6 – аломоҳӣ; 7 – шӯртан; 8 – шӯртани алафхӯр; 9 – гулмоҳӣ; 10 – гулмоҳии дарё; 11 – моҳии парварда; 12 – мормоҳӣ; 13 – моҳии холдор; 14 – моҳии душоха; 15 – суфмоҳӣ

***Канал* дарёи сунъиест, ки аз тарафи инсон кофта шудааст.**

Инсон дар чӯлҳои беоб каналҳо канда, он ҷойҳоро ба бӯстон табдил дода, шаҳр ва деҳаҳоро бунёд кард.

Каналҳо обро аз дарёҳо мегиранд. Бо воситаи каналҳо дарёҳо бо ҳамдигар якҷоя карда шуданаш ҳам мумкин.

Дар кишварамон бо мақсади аҳолиро бо об таъмин намудан ва барои майдонҳои киштро васеъ намудан каналҳои бисёре кофта шудааст.

Аз харитаи табиии Республикаи Ўзбекистон каналҳои ҳудуди кишварамон дар кадом ҷойҳо ва бо кадом тарз кофта шуданашро дидан мумкин.

Каналҳои аз ҳама калони кишварамон, **Канали калони Фарғона дар водии Фарғона аст. Каналҳои Аму-Қаршӣ, Аму-Бухоро, Кегайлӣ, Қувонишҷарма, Шимолӣ, Шерobод, Занг** ва ғайра ҳам аҳолӣ ва майдонҳои киштро барои бо об таъмин намудан хизмат мекунад.

## КӮЛҲО

Дар рӯи Замин ба тариқи табиӣ чуқуриҳои калони ба вуҷуд омада бисёр аст. Дар ин ҷойҳо об ҷамъ шуда, кӯлҳо ҳосил шудаанд.

**Кӯл — ба тариқи табиӣ ба вуҷуд омада, аз оби бисёри дар чуқурӣ ҷамъшуда мондааст.**

Кӯлро аз баҳр фарқ карда тавонистан лозим. Баҳр бо уқёнус пайваст шуда, оби он шӯр мешавад. Кӯл бошад бо уқёнус пайваст намешавад, оби онро нӯшидан ҳам мумкин нест.

**Баҳри Арали** кишварамон ҳам дар асл кўл аст. Чунки он бо уқёнус пайваст нашудааст. Майдони он калон ва обаш барои шўр будан онро баҳр гўён одат кардаанд (расми 28).

Ба ғайр аз баҳри Арал дар кишварамон кўлҳои ба мисли **Сариқамиш, Айдар, Арнасой, Тузкон, Ҷилдирбос, Машанкўл, Довуткўл, Денгизкўл, Улуғшўркўл** мавҷуд аст. Дар кўлҳо қариб ҳамаи намудҳои моҳии дар расми 27-ум тасвирёфтаро дидан мумкин аст.

## ОБАНБОРҲО

Барфҳои кўҳҳои кишварамон дар баҳор барои тез об шуданаш дарёҳо пур шуда ҷорӣ мешавад. Дар тобистон бошад, обҳои дарё кам мешавад. Лекин дар ин давр барои обёрии дашт ва боғҳо бисёр об лозим мешавад ва об нарасида мемонад. Дар баҳор обҳои зиёди дарёро ҷамъ намуда ва онҳоро дар тобистон ба миқдори зарур ба дарё сар додан **обанбор** месозанд.

***Обанбор*** **кўли сунъиест, ки аз тарафи инсон барпо карда шудааст.**



**Расми 28.**
Соҳили баҳри Арал



**Расми 29.**
Обанбори Чорвоқ

Обанбор барои пеши роҳи оби дарёро бастан ва ҷамъ намудан бунёд карда мешавад. Масалан, аз ҳисоби оби Амударёро баста ва ҷамъ намудан **обанборҳои Туямӯйин, Талимарҷон** ва **Тӯдакӯл** сохта шудааст. Ҳамин тавр, дар Қашқадарё **обанборҳои Чимқӯрғон** ва **Панҷкамар,** дар Сурхондарё **Сурхони ҷанубӣ,** дар дарёи Тӯпаланг **обанбори Тӯпаланг,** дар Қорадарё **обанбори Андиҷон,** дар дарёи Чирчиқ **обанбори Чорвоқ** сохта шудааст (расми 29).

## МУҲОФИЗАТ КАРДАНИ ОБ

Дар саршавии дарё оби он соф ва тоза мешавад. Ба обҳои дарё баъзе одамҳо ахлотҳои ҳархеларо мепартоянд. Дар баъзе корхонаҳо обҳои ифлосшуда ба оби дарё якҷоя шуда меравад. Обҳои кӯл, обанбор, канал ва ҷӯйҳо ҳам ҳамин тарз ифлос мешаванд.

Бо ахлотҳои ҳархела об ифлос карда шуда, ба организми одамон ва растаниҳо ҳам зарар мерасонад.

Барои ҳамин ҳам обҳоро ифлос накардан лозим аст.

Марказҳои шаҳр ва деҳаҳо бо оби **водопровод** таъмин карда шудааст. Оби водопровод аз оби дарё ё ки канал гирифта мешавад. Дар он об бо ёрии дастгоҳҳои махсус тоза карда мешавад. Оби тозаи водопроводҳоро барои гирифтан ва ба аҳолӣ расонида додан бисёр мутахассисон меҳнат мекунанд ва сарфу хароҷоти калон аст. Барои ҳамин ҳам оби водопроводро исроф накарда, сарф кардан лозим аст.

Ба деҳаҳое, ки обҳои водопровод ба он ҷо намеравад, аз обҳои дарё, канал ва ҷӯй истеъмол мекунанд. Ин гуна обҳои равонро истеъмол накарда, аввал онро албатта ҷӯшонидан зарур.

Аз харитаи табиии Республикаи Ўзбекистон дарё ва каналҳои калони дар ҳудуди кишварамон буда            ро дида бароед.

**Калимаҳои асосӣ:** дарё, канал, кўл, обанбор, водопровод.

1. Дарё гуфта чӣ гуна шохаҳои обро мегўянд? Кадом дарёҳои ҳудуди кишварамонро медонед?
2. Канал чист? Дар кишварамон кадом каналҳои калон мавҷуд аст?
3. Кўл гуфта чиро мегўянд? Дар ҳудуди кишварамон кадом кўлҳои калон мавҷуданд?
4. Обанбор ба кадом мақсад бунёд карда мешавад? Дар ҳудуди кишварамон кадом обанборҳои калонро медонед?
5. Сабаби ифлосшавии обҳо чист? Барои ифлос нашудани онҳо чӣ кор кардан лозим?

Ба харитаи бехат кўл ва обанборҳои калони дар ҳудуди кишварамон бударо акс кунонед.

## ҶАНГАЛ(БЕША)-ЗОРҲО

Дар боғҳо дарахтони меванок ва дар кўчаю хиёбонҳо дарахтҳои манзаравӣ месабзанд. Ин дарахтҳо аз тарафи инсон шинонда шуда, парвариш карда мешавад. Масофаи байни ҳар яки онҳо маълум буда, дорои майдони калон мебошад.

Дар рўи Замин чунон дарахтзорҳои майдонҳои калон дошта мавҷуд аст, ки он дарахтҳо ба якдигар бениҳоят наздик, яъне зич ҷойгир шудаанд.

**Майдони калоне, ки дар он дарахтон зич ҷойгир шудаанд, *ҷангалзор* ном дорад.**

Дар ҷангалзорҳо дарахтон ба мисли санавбар, тӯс, коҷ, ҷалғӯза ва булут месабзад. Чӣ гуна сабзидани дарахтҳо ба шароити табиии ҷангалзор вобаста аст. Дар ҷангалзорҳо дар қатори дарахтҳо бутта ва алафҳо ҳам мерӯянд.

Вақтҳои охир ба ҷои дарахтони буридаи ҷангалзорҳо кӯчатҳои онҳо шинонда мешаванд. Дар баъзе ҷойҳо кӯчатҳо шинонида, ҷангалзорҳои сунъӣ ташкил мегардад.

Бисёр қисми ҳайвонҳои ёбоии рӯи Замин дар ҷангалзорҳо ҳаёт ба сар мебаранд. Дар ҷангалзорҳо шер, паланг, хирс, гург, рӯбоҳ, маймун ва ба мисли инҳо ҳайвонҳои калон зиндагӣ мекунанд.

Дар ҳудуди Ӯзбекистон ҷангалзорҳои кӯҳӣ, тӯқай ва чӯл мавҷуд аст (расми 30). Дар доманаҳои кӯҳӣ арчазорҳо, чормағззорҳо, пистазорҳо ва ғайра ***ҷангалзорҳои кӯҳиро*** ташкил мекунанд. Дар ҷангалзорҳои кӯҳӣ ба мисли дарахтҳои тӯс, сафедор ҳам месабзад. Ин гуна ҷангалзорҳо дар ҳудудҳои кӯҳии кишварамон майдонҳои калонро соҳибанд.

Ҷангалзорҳои кӯҳӣ барои хубтар намудани экология, барои шуста нарафтани хокҳо ва барои пешгирӣ кардани кӯчишҳои кӯҳӣ мавқеи ба худ хос дорад.

***Дар ҷангалзорҳои тӯқай*** ба мисли дарахтҳои санҷид, сафедор ва шумтол месабзанд. Ҷангалзорҳои тӯқай соҳилҳои Амударё ва баҳрҳои дарё ҳосилкардаро соҳиб шудаанд.

Дар баъзе маҳалҳои Қизилқум **ҷангалзорҳои чӯлии** аз саксавулҳо иборат ҳам вомехӯранд.

Ҳаворо барои бо оксиген бой гардонидан аҳамияти ҷангалзорҳо бениҳоят калон аст.

Ҷангалзорҳо захираи чӯбу тахта низ мебошанд. Ҳангоми сохтани биноҳо, мебел ва дигар чизҳо асосан аз дарахтҳои ҷангалзор истифода бурда мешавад. Коғазҳо ҳам маҳсули дарахтҳои ҷангалзор ба ҳисоб меравад.

Нисфи зиёди доруворихои дар соҳаи тиб истифодашаванда аз барг ва меваҳои дарахтони ҷангалзорҳо ва аз пӯсти булутҳо гирифта мешавад. Барои ҳамин ҳам ҷангалзорро «дорухонаи сабз» ҳам меноманд.

Агар майдонҳои ҷангалзорҳо кам шуда раванд ба табиат зарари ҷиддӣ мерасад. Бо мақсади пеши роҳи инро гирифтан дар майдонҳои ҷангалзорҳо ба ҷои дарахтҳои бурида кӯчатҳо шинонида, ҷангалзорро барпо кардан зарур аст.

Ҷангалзорҳои мамлакатамон боигарии умумимиллӣ буда, мулки давлат ба ҳисоб меравад ва аз тарафи




**Расми 30.** Арчазори кӯҳӣ (1), чормағззорҳо (2, 3), ҷангалзори тӯқай (4), ҷангалзори саксавулноки чӯл (5)

давлат ҳимоя карда мешавад. Дар давраи ҳозира дар ҳудуди кишварамон қариб ба 70 наздик ***хоҷагии ҷангалпарварӣ*** фаолият нишон медиҳад. Хоҷагиҳои ҷангалпарварӣ омӯзиши ҷангалзор, барқарор кардан, сабзонидани дарахтҳо, аз оташ ва аз ҳашаротҳои зараррасон нигоҳ доштан ва ба ҳисоб гирифтани ин корҳоро иҷро мекунад. Дар хоҷагии ҷангалпарварӣ ба ҷои ҳар як дарахти буридa якчандто кӯчат шинонида мешавад.

Ҳангоми ҷамъ кардани растаниҳои дорувор ҳам хоҷагиҳои ҷангалпарварӣ ёрӣ медиҳад. Ҳар сол аз 500 тонна зиёд доруҳо аз ашёи хоми растаниҳо ҷамъ карда мешавад. Дар баробари ин, дар хоҷагиҳо пиёзи анзур, бойчечак, тотум, бобуна, бӯйи модарон барин растаниҳои шифобахш кошта зиёд карда мешавад.

Дар хоҷагиҳои ҷангалпарварӣ бо оруи асалпарварӣ ҳам машғул шуда, ба миқдори зиёд асали шифобахш гирифта мешавад.

**Калимаҳои асосӣ:** ҷангалзор, кӯчиши кӯҳ, ҷангалзори кӯҳ, хоҷагии ҷангалпарварӣ, ҷангалзори тӯқай, ҷангалзори чӯл.

1. Ҷангалзор гуфта кадом ҷойро мегӯянд?
2. Дар ҷангалзорҳо асосан кадом дарахтҳо месабзанд?
3. Дар ҷангалзорҳо кадом ҳайвонҳои калон зиндагӣ мекунанд?
4. Дар бораи ҷангалзорҳои кишварамон чиҳоро медонед?
5. Дар бораи аҳамияти ҷангалзорҳо нақл карда диҳед?

# ЧЎЛҲО

Дар маҳалҳои истиқоматии аҳолӣ миқдори солонаи боришот дар атрофи 500—1 000 мм мешавад. Дар баъзе ҷойҳо боришот бениҳоят кам буда, миқдори боришоти солона аз 200 мм зиёд намешавад, обҳои ҷоришаванда ҳам нест. Ин гуна ҷойҳо хушк буда, растаниҳо хуб инкишоф намеёбад.

**Заминҳои хушке, ки дар он растаниҳо хуб инкишоф намеёбад, *чўл* ном дорад.**

Чўл регнок, гилнок ё ки сангнок мешавад. Дар чўли регнок шамол регҳоро мерўбад (расми 31), баъзан баландиҳоро ҳосил мекунад. Ин гуна баландиҳоро ***бархан,*** яъне ***хомаи рег*** меноманд. Бо воситаи шамол шаклҳои ҳархела ба вуҷуд меоянд (расми 32).

Дар чўли гилнок заминҳои қабат ба қабат ва кафида рафтаи хокҳои заранг заминҳои — ***тақир*** мавҷуд аст (расми 33).



**Расми 31.** Қизилқум



**Расми 32.** Регҳои чӯл шаклҳои гуногунро ҳосил мекунад



**Расми 33.** Тақир

Чӯл аз сабаби хушк ва ҳавояш гарм будан растаниҳо кам месабзад. Алафҳо ва растаниҳояш асосан каме дар мавсими борон боридан сабзида, дар мавсими хушкии бебориш хушк мешавад. Растаниҳои ба мисли саксовул ва явшон (хор) ба шароити хушкӣ мувофиқ шудаанд. Решаи ин растаниҳо бениҳоят дароз буда, аз обҳои зери замин баҳра мегирад.

Нисфи зиёди ҳудуди Ӯзбекистонро чӯлҳо иҳота кардааст. Дар ҳудуди кишварамон чӯлҳои **Қизилқум, Устюрт, Мирзочӯл, Қарнобчӯл** ва **Қаршӣ** мавҷуд аст. Дар чӯлҳо мавсими тирамоҳ 5—6 моҳ давом карда, ҳарорати ҳаво дар ҷои соя то +50°С бардошта мешавад, рег бошад то +80°С метасфад. Дар ин давр боришот намешавад. Дар болои чӯлҳои васеъ шамоли гарм вазида, бо худаш рег ва гардҳоро гирифта меояд. Ин гуна шароит барои растанӣ ва ҳайвонҳо ҳалокатовар аст.

Дар чӯлҳои кишварамон оғози баҳор ва охирҳои

тобистон ба миқдори кам борон меборад. Дар зимистон ҳарорати ҳаво то −20°С хунук буда, барф меборад.

Дар чӯлҳо растаниҳо ба мисли явшон, савсан, гули нештаршакл, саксавул, телескен, мерендера, юлғуни чӯл, кавроки бӯйин, ҷузғун, хори сафед месабзад (расми 34). Дар баъзе ҷойҳои чӯл баҳорон бойчечак, лола ва лолаарӯсак «лолақизғалдоқ»-ҳо шукуфта, манзараи зеборо ҳосил мекунад.

Дар чӯл аз ҳайвонҳои калон ба мисли ҷайрон, оққуйруқ, қулон, рӯбоҳ, шағол, гурбаи регӣ зиндагӣ мекунад. Аз ҳайвонҳои майда бошад, товушқон, сангпушт, хорпуштак, кӯрмуш, калтакалос, морҳо бисёр вомехӯранд. Аз навъҳои калтакалос, калтакалоси сурхгӯш, калтакалоси зиндаёб, калтакалоси кабуд, калтакалоси каҷакдум, калтакалоси чобук, калтакалоси синксимон, агамаи чӯл, сусмори хокистарранг ҳаёт ба сар мебаранд (расми 35).

Аз навъҳои мор ба мисли мори печон, мори айнакдор (кобра), мори афъӣ, мори зиреҳпӯш мавҷуд аст (расми 36).

Аз қушҳо ба мисли чаковаки тоҷдор, чаковак, дуғдоғи сурх, бизғилдоқ, уқоби лошахӯр, дуғдоғ, пайғу (ғалевоҷ), уқоби морхӯр, уқоби даштӣ дучор мешавад (расми 37).

Қисми калони чӯлҳои гилноки кишварамон аз тарафи халқамон аз худ карда, ба киштзор ва боғҳо табдил дода шуд, инчунин шаҳр ва деҳаҳо бунёд карда шуд.



Аз харитаи табиии Республикаи Ӯзбекистон чӯлҳои дар ҳудудии кишварамон бударо нишон диҳед ва номҳои онҳоро гуфта диҳед.

**Калимаҳои асосӣ:** чӯл, хомаи рег (бархан), тақир, чӯли регнок, чӯли гилнок, чӯли санглох.




**Расми 34.** Растаниҳои чӯлҳои сарзаминамон: 1 – янтоқҳо; 2 – явшон; 3 – телескенҳо; 4 – савсанҳои бунафшаранг; 5 – наштарбарг; 6 – мерендера; 7 – юлғуни чӯл; 8 – кавроки бӯйин; 9 – саксавул; 10 – ҷузғун; 11 – гули қашқарӣ; 12 – хори сафед




**Расми 35.** Намуди калтакалосҳои чӯлҳои кишварамон: 1 – калтакалоси гӯшсурх; 2 – калтакалоси зинда таваллудкунанда; 3 – калтакалоси кабуд; 4 – калтакалоси каҷдум; 5 – калтакалоси чобук; 6 – калтакалоси синксимон; 7 – агамаи чӯл; 8 – сусмори хокистарранг




**Расми 36.** Намуди морҳои чӯлҳои кишварамон: 1 – мори печон; 2 – мори айнакдор (кобра); 3 – мори афъӣ; 4 – мори зиреҳпӯш




**Расми 37.** Намуди паррандаҳои чӯлҳои кишварамон: 1 — чаковаки тоҷдор; 2 — чаковак; 3 — дуғдоғи сурх; 4 — бизғилдоқ; 5 — уқоби лошахӯр; 6 — дуғдоғ; 7 — пайғу (ғалевоҷ); 8 — уқоби морхӯр; 9 — уқоби даштӣ

1. Чӯл гуфта, кадом заминҳоро мегӯянд?
2. Хомаи рег (бархан) чист? Замини тақир-чӣ?
3. Чӯлҳои ҳудуди Ӯзбекистон чӣ хел ном бурда мешавад?
4. Аз растаниҳо кадомаш дар чӯлҳои кишварамон мерӯяд?
5. Дар бораи дунёи ҳайвоноти чӯлҳои кишварамон чиҳоро медонед?

Дар харитаи бехат ҷойҳои чӯлҳои регноки ҳудуди кишварамонро бо ранги зард ранг кунед.

## ТАБИАТИ КӮҲҲОИ КИШВАРАМОН

Қисми шарқии ҳудуди Ӯзбекистон аз кӯҳҳои баланд иборат аст. Зимистон дар кӯҳҳо барфи ғафс(баланд) борида мешавад. Баландии онҳо аз 2—3 метр зиёд

мешавад. Дар баҳор баробари гарм шудани рӯзҳо барфҳо ба об шудан сар мекунанд. Ҳатто дар давоми тобистон ҳам обшавии барфҳо давом мекунад.

Барфҳои кӯҳҳо об шуда, дар ҷилғаҳо обҳо ҷамъ шуда, шохобҳоро ҳосил мекунад. Шохобҳо бо ҳам якҷоя шуда, дарёро ба вуҷуд меорад. Ҳама дарёҳои ҳудуди кишварамон, ҳамин тарз аз об шудани барфҳои кӯҳ ҳосил мешавад.

Қуллаҳои баланди кӯҳҳое мавҷуд аст, ки барфҳои онҳо дар тобистон ҳам об шуда тамом намешавад. Ин гуна ҷойҳо доимо яхҳоро ҳосил кардааст. Дар харитаи табиии Республикаи Ўзбекистон яхҳои доимо меистода бо ранги сафед нишон дода шудааст.

Кӯҳҳои кишварамон бо барфҳояшон ҳам зебоянд. Кӯҳҳо ягона манбаест, ки кишварамонро бо об таъмин карда меистад.

Доманаи кӯҳҳои ҳудуди Ўзбекистон бо растаниҳои ҳархела печонида шудааст. Дар баробари ба баландӣ баромадан навъҳои растанӣ ҳам дигаргун шуда меистад.

Дар паҳнкӯҳҳои аз сатҳи баҳр 1 000–1 500 м баландӣ афсонак, ревоҷ, мармараки зард, нор-ширач, кобра ширач, кӯҳбека, гулихайрии сафед, говуйруқ, кӯҳтурбид, зардсар, дастарсар, хуксари каллакчанок, оҳуалафҳо, тобулғии сафед барин алаф ва растаниҳо месабзад. Дар ин баландиҳо ба мисли дӯлана, наъматак, бодом, пистаи хандон, бутта ва дарахтҳо вомехӯранд (расмҳои 38–39).

Дар кӯҳҳо лолаҳои кӯҳии ҳархеларо ҳам дучор шудан мумкин аст (расми 40).

Дар паҳнкӯҳҳои баландиаш 1 500–2 500 м буда дарахтҳои ба мисли арча, чормағз, санавбар ва сафедор




**Расми 38.** Растаниҳои паҳнкӯҳҳо:
1 – афсонакҳо; 2 – ревоҷҳо; 3 – мамаракҳои зард; 4 – сечаки сурхдум; 5 – сечаки кобра; 6 – тоғбека; 7 – гулихайрии сафед; 8 – каврок; 9 – шумтоли сафед; 10 – гули зардсар; 11 – бӯи модарон; 12 – хуксари каллакчадор; 13 – оҳуалаф; 14 – тобулғии сафед




**Расми 39.** Растаниҳои паҳнкӯҳҳо (давомаш):
1 – кавраки кӯҳ; 2 – қалдирмоқи сафед; 3 – хори ғелон; 4 – пиёзҳои писком; 5 – пуфанак; 6 – сингрени мевадори сурх; 7 – ҷулғуни тукдор; 8 – сурхча; 9 – наъматак (хуч); 10 – дӯлона; 11 – пистаи бодом; 12 – пистаи хандон



**Расми 40.** Дар кӯҳои кишварамон лолаҳои ҳархела ҳам дучор меоянд

месабзад. Дар баъзе ҷойҳо онҳо ҷангалзорҳоро ҳосил мекунанд (расми 41).

Дар ҷойҳои аз 2 500 м баланд растаниҳои таран, хори сурх, лолаи алп ва дигар растаниҳо мерӯянд.

Дар байни растаниҳои кӯҳӣ заҳрнокҳояш ҳам мавҷуд аст. Масалан, танаи турбити кӯҳии гулҳояш хушрӯ, ки он аз танааш ширaи заҳрнок кор карда мебарорад.



**Расми 41.** Ҷормағззор (1) ва арчазору (2) сафедори омехтаи кӯҳӣ

Ҳангоми кандани гули он шира ба дасти одам мегузарад. Дар вақти дасти заҳролудро ба бадан расонидан дар бадан захм пайдо шуда, сиҳатшавии он хеле вақт давом мекунад. Ба ғайри он растаниҳои заҳарноки ба мисли ихроҷ, аконит, прангос ва бангидевона ҳам мавҷуд аст.

Барои ҳамин меваҳои растаниҳои ношиносро чашида дидан, гулҳои бегонаро бӯй кардан мумкин нест. Аз растаниҳои заҳрнок эҳтиёт шудан лозим.

Кӯҳҳои кишварамон аз дунёи ҳайвонот ҳам бой аст. Дар паҳнкӯҳҳо байни сангҳо мори чипор, мори сиёҳ, чархмор зиндагӣ мекунад (расми 42). Ин морҳо дар даштҳо ҳам вуҷуд дорад. Дар кӯҳҳо мори айнакдор ва мори зиреҳпӯш ҳам ҳаёт ба сар мебарад. Морҳо бо қурбоққа, калтакалос ва паррандаҳо ғизо мегирад.

Дар кӯҳ ва ҳудудҳои ба он наздик ба мисли кабк, лочин, уқоб, ғалевоҷ барин паррандаҳои калон вомехӯрад (расми 43). Дар ҷойҳои кӯҳӣ хелҳои гуногуни лочин, уқоб ва ғалевоҷҳо парвоз карда мегардад. Онҳо бо гӯшти паррандаҳои хурд, муш, калламушҳо, морҳо ва ҳайвонҳои мурда ғизо мегиранд.




**Расми 42.** Намуди морҳои дар кӯҳҳои кишварамон буда: 1 – мори чипори безаҳр; 2 – мори сиёҳ; 3 – чархмор







**Расми 43.** Паррандаҳои калони дар кӯҳҳои кишварамон буда: 1 — лочинҳо; 2 — уқоб; 3 — ғалевоч; 4 — кабкҳо

Дар ҳудудҳои кӯҳӣ суғури кабуд, сувсари кӯҳӣ, бузи кӯҳӣ, гӯсфанди кӯҳӣ — гӯрхар, бузи шохдори печон — морхӯр, гӯсфанди Бухоро (расми 44), инчунин, гавазн, хирси нохундор, барси барфӣ (ирбис), бабри барфӣ, суғури малла ва хук зиндагӣ мекунад. Аз онҳо бабри барфӣ ва суғури малла ба «Китоби сурх» — и байналхалқӣ дохил карда шудааст.

Ҳудудҳои кӯҳии кишварамон аз ҳайвонҳои нодир бой аст. Барои ҳамин ҳам дар ин маҳалҳо мамнӯъгоҳҳо ташкил карда, ҳайвонҳои нодир ба назорат гирифта шудааст.

1. Дарёҳои кишварамон чӣ хел ҳосил мешавад?
2. Дар паҳнкӯҳҳои ҳудуди Ӯзбекистон кадом растаниҳо мерӯянд?
3. Дар қисми аз 1500 м баланди кӯҳҳо кадом растаниҳо мавҷуд аст?




**Расми 44.** Ҳайвонҳои кӯҳҳои кишварамон: 1 – суғурҳои кабуд; 2 – сувсари кӯҳӣ; 3 – бузи кӯҳӣ; 4 – гӯрхар; 5 – бузи морхӯр; 6 – гӯсфанди Бухоро

**4.** Дар кӯҳҳо кадом морҳо ва паррандаҳо вуҷуд дорад?

**5.** Боз кадоме аз ҳайвонҳои дар кӯҳ мавҷудбударо медонед?

Дар харитаи бехат ҳудуди кишварамон, ҷойҳои кӯҳҳо иҳотакардаро ранг кунед.

# ДАШТҲО

Дар ҳамвориҳо чӯл, дашт ва ҷангалзорҳо мешавад. Алафҳо ва растаниҳо дар чӯл кам бошад, дар дашт ғафс месабзад. Дар ҷангалзор бошад, ба ғайри алафҳои ғафс дарахтҳо ҳам бисёр мешавад.

**Ҳамвории беҷангалзори бо алафу растаниҳои ғафс печонидашударо *дашт* меноманд.**

Дар даштҳо бутта ва дарахтҳо ҳам вомехӯрад.

Даштҳо тирамоҳ гарм буда, борон кам меборад. Дар дигар фаслҳо боришот тез-тез ба амал меояд. Миқдори боришоти солона 500—1 000 мм мешавад.

Даштҳои кишварамон аз сатҳи баҳр асосан дар баландии 500—1 000 м ҷойгиранд.

Доманаҳои кӯҳ ҳам аз даштҳо иборат аст. Дар давраи ҳозира қисми калони даштҳои аз худ кардашуда ба майдонҳои кишт ва боғҳо табдил ёфтаанд. Дар ин ҷойҳо шаҳр ва деҳаҳо барпо карда шудааст. Даштҳои пасту баланди доманаҳои кӯҳӣ, аз худ карда нашудаасту холос. Заминҳои теппаноки баланду пасти кишварамон ва даштҳои доманаи кӯҳро, даштҳо иҳота кардаанд.

Даштҳо аз растаниҳои ҳархела бой аст. Дар даштҳои кишварамон алафҳои испанд, себарга, ҷумъагул, алафҳои қоқу, сабзии ёбоӣ, ғеша, гулсафсар, сурхча, омонсиёҳ, лолаарӯсак, астрабал, гули нештаршакл, чои даштӣ, алафҳои базак, зоғсанҷид, каврок, сафедорҳои турангa ва дигар растаниҳо месабзад (расмҳои 45—46). Инчунин зирк, наъматак, дӯлона барин буттаҳо, чанор, сафедор ва қайрағоч барин дарахтҳо ҳам бисёр вомехӯранд.




**Расми 45.** Растаниҳои даштҳои кишварамон: 1 – испанд; 2 – себарга; 3 – ҷумаъгул; 4 – алафи қоқуи сафед; 5 – сабзии ёбоӣ; 6 – коснӣ; 7 – гулсафсари сӯзанбарг; 8 – гулсафсари сафед; 9 – лигулария; 10 – қизилча; 11 – сечаки сафед; 12 – омонқора




**Расми 46.** Растаниҳои даштҳои кишварамон (давомаш): 1 — лолаарӯсакҳо; 2 — астрагали даштҳо; 3 — гули тугмачадори норанҷӣ; 4 — чойи даштӣ; 5 — чойи даштии дағал; 6 — алафи газак; 7 — хапрӣ; 8 — санҷиди зоғӣ; 9 — кавроки даштӣ; 10 — сафедорҳои туранға



**Расми 47.** Даштҳо барои яйлоқ қулай аст

Аз даштҳо ба сифати **яйлоқ (алафзор)** истифода бурда мешавад. Дар ин заминҳо гову модагов, гўсфанд, асп, буз барин ҳайвонҳоро парвариш мекунанд (расми 47).

Дар даштҳои кишварамон ба мисли чўлҳо калтакалосҳои ҳархела ҳаёт ба сар мебарад. Дар даштҳо бештар мори дучор оянда, ин — мори зард аст (расми 48). Мори зард дар асл яке аз навъҳои калтакалос аст. Онро калтакалоси бепо гўяд ҳам мешавад. Чашмҳои морҳо доимо кушод меистад. Мори зард бошад, ҳангоми одамро дидан чашмонашро пўшонида мегирад. Аз ҳамин ҷиҳат онро аз дигар морҳо фарқ кардан мумкин. Мори зард аз ҳашаротҳои зараркунандаи ҳархела ғизо гирифта, ба одамҳо фоидаи калон меорад.



**Расми 48.** Мори зард

Даштҳо аз паррандаҳои ҳархела бой аст (расми 49). Дар ин ҷойҳо ба ғайри гунҷишк, мусича, фароштурук, чуғурчуқ, зоғ,




**Расми 49.** Паррандаҳои даштҳои кишварамон: 1 – читтаки сиёҳ; 2 – читтаки гаичка; 3 – читтаки момоҷурғот; 4 – читтаки калон; 5 – алошақшаққа; 6 – дурроҷи сиёҳ; 7 – дурроҷи шама; 8 – дурроҷи хушхон; 9 – шунқори кабуд; 10 – булбули гардансафед; 11 – булбули кабуд

майна, сассиқпопишак, зағизғон барин паррандаҳо навъҳои ҳархелаи читтак, сиёҳялоқ ва булбул вомехӯранд.

Дар даштҳо рӯбоҳ, гург, сангпушт, юмронқозиқ, ҷайра, қашқалдоқ ва хорпуштакҳоро ҳам дучор омадан мумкин.



**Расми 50.** Хорпуштакҳо

Хорпуштакҳо аз ҳашаротҳои зараркунанда ва хояндаи ҳархела ғизо гирифта, ба одамҳо фоида меорад (расми 50).

Барои ҳамин ҳам ин гуна хорпуштакҳои беозор ва фоидаоварандаро бисёр муҳофизат кардан лозим.

**Калимаҳои асосӣ:** дашт, яйлоқ, алафзор.

1. Дашт гӯён чӣ гуна заминҳоро мегӯянд?
2. Дар даштҳои Ӯзбекистон кадом растаниҳо месабзад?
3. Дар бораи ҳайвонҳои дар даштҳо ҳаёт ба сар мебурдаҳо чиҳоро медонед?

Дар даштҳои азхудкардашуда номҳои киштҳои даштӣ ва меваҳои боғҳоро нависед.

## БОИГАРИҲОИ ЗЕРИЗАМИНӢ

Дар зери замини кишварамон ҷинсҳои гуногуни кӯҳӣ ва минералҳо мавҷуд аст. Ба ҷинсҳои кӯҳӣ рег, санг, шағал, оҳаксанг, гранит, ба минералҳо бошад, тилло, мис, алмос, оҳан, кварс, сулфур, ангишт, нефт ва гази табиӣ барин канданиҳои фоиданок дохил мешавад.

**Ҷинсҳои кӯҳӣ ва минералҳое, ки дар хоҷагии халқ ва рӯзгор истифода бурда мешавад, *канданиҳои фоиданок* номида мешавад.**

Канданиҳои фоиданок ба се навъ тақсим мешавад: канданиҳои фоиданоки сӯзанда, маъданӣ ва ғайримаъ-

данӣ. **канданиҳои фоиданоки сӯзанда:** ангишт, нефт, гази табиӣ, торф ва монанди инҳо.

Минералҳое, ки дар таркибаш металлҳо мавҷуд аст, **канданиҳои фоиданоки маъданиро** ташкил медиҳад. Дар таркиби онҳо металлҳои ба мисли оҳан, мис, алюминий, руҳ, қӯрғошим дохил мешавад. Тилло ва нуқра ҳам ба канданиҳои фоиданоки маъданӣ мансуб аст.

**Ба канданиҳои фоиданоки ғайримаъданӣ** намаки ошӣ, фосфорит, апатит, сулфур ва ғайраҳо дохил мешавад. Оҳаксанг, регсанг, гранит, мармар ва дигар масолеҳҳои бинокорӣ ҳам ба канданиҳои фоиданоки ғайримаъданӣ тааллуқ дорад.

Канданиҳои фоиданок одатан бо дигар моддаҳо дар ҳолати омехта, яъне дар ҳолати омехташавӣ мешавад. Баъзе канданиҳои фоиданок ба мисли рег, гил ва дигар моддаҳо дар ҳолати омехташавӣ дучор мешавад.

Канданиҳои фоиданок дар якҷоягӣ бо рег ва гил бо ёрии экскаватор ва дигар воситаҳои техникӣ ба миқдори бисёр канда гирифта мешавад (расми 51). Сипас канда-




**Расми 51.** Канданиҳои фоиданоке, ки бо усули кушод ҳам канда гирифта мешавад

ниҳои лозима аз рег, гил аз дигар моддаҳои бегона ҷудо карда гирифта мешавад. Канданиҳои фоиданок ба монанди тилло ва нуқра ҳам ҳамин тавр гирифта мешавад.

Канданиҳои фоиданок ба мисли мис, алюминий, оҳан, қўрғошим ва руҳ бо дигар моддаҳои бегона дар ҳолати сахт — дучор меоянд. Маъданҳои сахт, обшуда, металлҳои лозима ҷудо карда гирифта мешавад.

Намаки ошӣ ҳам дар ҳолати соф канда гирифта намешавад. Дар таркиби он дигар намакҳои зарарнок, рег ва гил ҳам мешавад. Бо воситаи шустан, аз моддаҳои бегона тоза карда мешавад. Сипас ёд ҳамроҳ карда, ба истеъмол баровардa мешавад.

Ҳудуди Ўзбекистон аз канданиҳои фоиданоки ҳархела бой аст. Дар водии Фарғона конҳои нефт ва гази табиӣ бисёр аст. Конҳои гази табиӣ дар наздикии шаҳри Мубораки вилояти Қашқадарё, дар атрофи шаҳри Базлии вилояти Бухоро ва дигар ҷойҳо ҳам мавҷуд аст.

Дар атрофи шаҳри Ангрени вилояти Тошканд боз яке аз канданиҳои фоиданоки сўзанда — ангишти қўнғир канда гирифта мешавад. Дар атрофи шаҳрҳои Шарғун ва Бойсуни вилояти Сурхондарё конҳои сангангишт мавҷуд аст.

Ҳудуди кишварамон бо канданиҳои фоиданоки қимматбаҳо ба мисли тилло, нуқра, мис, волфрам ва масолеҳи бинокорӣ ба мисли мармар, гранит, гипс, оҳаксанг, инчунин конҳои намаки ошӣ бой аст.

Конҳои асосии канданиҳои фоиданок дар кучҷои ҳудуди кишварамон мавҷуд буданаш дар саҳифаҳои 40—41 оварда шуда, дар харитаи табиии Республикаи Ўзбекистон нишон дода шудааст.

Дар натиҷаи аз канданиҳои фоиданок бисёр истифода бурдан захираи онҳо сол то сол кам мешавад. Барои

ҳамин канда гирифтани бойигариҳои зери заминиро кам карда, ашёҳои хоми кофтагирифтаро бо меъёр истифода бурдан лозим.

Гази табиӣ, бензин (нефт) ва металлҳои ҳархела бисёр истифода мешавад. Барои муҳофизат кардани гази табиӣ дар навбати аввал ба хонаи худамон онро бо сарфакорӣ истифода бурданамон лозим аст.

Барои дар кӯчаҳо гаштани машинаҳо ба миқдори бисёр бензин истифода мешавад. Бензин бошад аз нефт гирифта мешавад. Захираи нефт ҳам маҳдуд аст.

Пештар бисёр чизҳо аз оҳан, мис, алюминий ва дигар металлҳо сохта шудааст. Бо мақсади сарфа кардани металлҳо аз пластмассаҳои ҷои онҳоро ишғолкунанда ҳам истифода бурда истодаанд.

Қисмҳои чизҳои металлин ва машинаҳои аз кор баромада ҷамъ карда гирифта мешавад. Металлҳои нолозими ғуншуда ба корхонаҳои тааллуқдор расонида, аз нав мошина ва чизҳои нав сохта мешавад. Ҳамин тавр, металлҳо сарфакорӣ карда мешавад. Бо ҳамин мақсад дар байни аҳолӣ тадбирҳои ҷамъ кардани металлҳо гузаронида мешавад.

Аз харитаи табиии Республикаи Ӯзбекистон дар кучҳои ҳудуди мамлакатамон кадом конҳои канданиҳои фоиданок мавҷуд буданашро дида бароед.

**Калимаҳои асосӣ:** канданиҳои фоиданок, ҷинси кӯҳӣ, минерал, канданиҳои фоиданоки сӯзанда, канданиҳои фоиданоки маъданӣ, канданиҳои фоиданоки ғайримаъданӣ.

1. Ба ҷинсҳои кӯҳӣ чиҳо дохил мешавад? Ба минералҳо-чӣ?
2. Канданиҳои фоиданок гуфта чиҳо гуфта мешавад?

3. Ба канданиҳои фоиданоки сӯзанда чиҳо дохил мешавад? Ба канданиҳои фоиданоки маъданӣ ва ғайримаъданӣ -чӣ?
4. Дар ҳудуди кишварамон кадом конҳои канданиҳои фоиданок мавҷуд аст? Асоситарини онҳоро аз харита нишон диҳед.
5. Барои муҳофизат кардани канданиҳои фоиданок чиҳо кардан лозим?

Конҳои асосии канданиҳои фоиданоки ҳудуди кишварамонро бо воситаи аломатҳои шартӣ дар харитаи бехат ишорат кунед.

## ТАЪСИРИ ИНСОН БА ТАБИАТ

Вақте ки инсон ба дунё омад, вай дар оғӯши табиат зиндагӣ мекунад. Он боигариҳои табиатро бо мақсади қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти худ истифода мебарад.

Ҷамъият тараққӣ карда, дар натиҷаи офаридани асбобҳои меҳнат, инкишофёбии техника таъсири инсон ба табиат зиёд шудан гирифт.

**Инсон дар куҷое, ки зиндагӣ накунад, ба табиати гирду атроф мунтазам таъсир карда меистад.**

Алалхусус, дар байни садсолаи охир аҳолии рӯи замин ба суръати тез афзуд. Заминҳои калон ба майдонҳои кишт табдил дода, шаҳр ва деҳаҳо, инчунин корхонаҳо сохта шуд. Ҳамаи инҳо аз ҳисоби заминҳои аз худ кардашудаи дашт, чӯл ва ҷангалзорҳо ба амал бароварда шуда истодааст. Дар натиҷа, растаниҳои табиии рӯи Замин хароб шуда рафт. Масалан, дар кишварамон ба мисли дарахтҳои меваноки чормағз, писта, бодом, дӯлона, растаниҳои доруворӣ ба мисли

зира, пиёзи Писком, анзур, сиёҳқанд, оқ қайин, етмак кам шуда рафта истодааст. Растаниҳо ба мисли ноки ёбоии Туркистон, анори ёбоӣ, пиёзи Зарафшон, пиёзи кӯҳӣ, лолаи Ўзбекистон, анҷири ёбоӣ, астрагали омонсиёҳ ва Бухоро, ангури ёбоӣ, чиннигул, бангидевона, сумбул, морсанҷид, лолаи Чимён аз ноёб буданашон ба «Китоби сурхи Республикаи Ўзбекистон» дохил карда шудааст.

Дар натиҷаи аз худ карда шудани дашт, чӯл ва ҷангалзорҳо ба олами ҳайвонот зарари калон расонида шуд. Якчанд намуди ҳайвонҳо нест шуда, бисёр навъҳояш кам шуданд. Чунончи, дар ҳудуди кишварамон миқдори оққуйруқ, бузи даштӣ, лаклак, хонгул (гавазни Бухоро), гӯрхар (гӯсфанди кӯҳӣ), бузи морхӯр (бузи шохноки печон), дуғдоғ ва кабк кам мондаанд. Паланги Тӯрон бошад, ба тамом нест шуда рафтааст. Баъзе ҳайвонҳо аз сабаби кам шуданашон ноёб шуда, дар «Китоби сурх»-и Республикаи Ўзбекистон» дохил карда шудааст. Ба онҳо ба тариқи мисол хирси сурхранг, қундузи Туркистон, паланг, бабр, гепарт, хонгул, бузи даштӣ, гӯсфанди Устюрт, гӯсфанди Бухоро, гӯрхар, лаклаки сафед ва сиёҳ, лочин, уқоб, турнаи сафед, сусмор, мори айнакдор, кӯршабпараки шарпаргӯш, суғури кабуд, тавушқони калон барин ҳайвонҳоро ба тариқи мисол овардан мумкин.

## МАМНӮЪГОҲҲО

Таъсири манфии инсонро ба табиат дар ҳудуди маълум таъқиқ намудан, намуди растанӣ ва ҳайвонҳои нест шударафтаистодаро бо мақсади муҳофизат ва зиёд намудан **мамнӯъгоҳҳо** ташкил карда шудааст.

***Мамнӯъгоҳҳо*** **— ҷойҳое, ки табиати бой дошта, барои муҳофизат кардани он майдони калони махсус ҷудо карда шудааст.**

Дар мамнӯъгоҳҳо ҳайвонот ва растаниҳо ба назорат гирифта мешавад. Миқдори намудҳои ҳайвонот ва растаниҳои ноёбро зиёд карда, табиатро ба ҳолати аслиаш нигоҳ доштан ҳаракат карда мешавад. Дар мамнӯъгоҳҳо боигариҳои заминӣ, дарёҳо ва дигар навъҳои боигариҳои табиат низ ба муҳофизат гирифта мешавад.

Дар мамнӯъгоҳҳо корҳои илмии гуногун ҳам гирифта мебаранд. Олимон ҳаёти ҳайвонот ва растаниҳоро меомӯзанд. Барои зиёд шудани ҳайвонот ва растаниҳо чӣ гуна шароит буданашро муайян мекунанд. Масъалаи ҳайвонҳои як намуд доштаро аз ҷои зиёд шудаашон, як қисми онҳоро ба ҷои дигар кӯчонидан ҳал мекунанд. Ҳайвонҳои дар мамнӯъгоҳҳо бетоб шударо, шифокорҳои махсус табобат мекунанд.

Ба ҷойҳои ҳайвонҳо мегашта, ки одамон дар он ҷойҳо рафта наметавонанд бо вертолёт нишаста назорат мекунанд. Ба ҳайвонҳои зарур аз вертолёт хӯрок мепартоянд.

**Дар ҳудуди Ӯзбекистон 9-то мамнӯъгоҳ ташкил карда шудааст: мамнӯъгоҳҳои биосфераи давлатии Чотқол, мамнӯъгоҳҳои давлатии Зомин, мамнӯъгоҳҳои давлатии чормағззорикӯҳии Нурато, мамнӯъгоҳҳои давлатии Сурхон, мамнӯъгоҳҳои давлатии Ҳисор, мамнӯъгоҳҳои давлатии Зарафшон, мамнӯъгоҳҳои давлатии Қизилқум, мамнӯъгоҳҳои давлатии Бадайтӯғай.**



**Расми 52.** Ҳайвонҳои мамнӯъгоҳҳои Ӯзбекистон:
1 – хук; 2 – рӯбоҳ; 3 – силовсин; 4 – кабк;
5 – хонгула (гавазни Бухоро)

Дар куҷо ҷойгир шудани мамнӯъгоҳҳои кишварамон дар харитаи табиии Республикаи Ӯзбекистон нишон дода шудааст (расми 25).

Дар мамнӯъгоҳҳои кишварамон растаниҳои гуногуни дар «Китоби сурх» дохил шуда, ба муҳофизат гирифта шудааст (расми 52).

**Мамнӯъгоҳи биосфераи давлатии Чотқол** дар қисми ғарбии қаторкӯҳи Чотқол ҷойгир шудааст. Майдони замини мамнӯъгоҳ – 45 739 гектар (1 гектар ба 10 000 метри квадратӣ баробар аст). Аз ин 6 586 гектараш ҷангалзорро фаро гирифта, 7 047 гектараш алафзор, 81 гектари онро ҳавзаҳои обӣ ташкил медиҳад. Мамнӯъгоҳ бо мақсади нигоҳ доштани системаи экологии ин ҷойҳо ташкил карда шудааст. Дар ҳудуди мамнӯъгоҳ хирси сурхи сиёҳтоб, хирси нохундори сафед, бузи кӯҳии Сибир, гавазн, хук, бабр, суғури кабуд, гурги сурх, силовсини Туркистон, ҷайра, каргас, калхоти сиёҳ ва уқоб барин ҷонварон ба муҳофизат гирифта шудаанд.

**Мамнӯъгоҳи давлатии Зомин** дар паҳлӯи шимолии қаторкӯҳи Туркистон ҷойгир шудааст. Майдони замини он 21 735 гектар буда, аз ин 11 322 гектараш бо ҷангалзор пӯшида шудааст. Мамнӯъгоҳ бо мақсади муҳофизат кардани ҷангалзорҳои арчазор, барои омӯхтани дунёи ҳайвоноти ба онҳо хос буда ташкил карда шудааст. Дар мамнӯъгоҳ аз ҳайвонҳо хирси сурхи сиёҳтоб, силовсин, паланги барфӣ, бузи кӯҳӣ, лаклаки сиёҳ, уқоб, ҳашаротҳои ҳархела, аз ҷумла шабпаракҳои ноёб муҳофизат карда мешаванд.

**Мамнӯъгоҳи давлатии чормағз – кӯҳи Нурато** дар паҳлӯи шимолии қаторкӯҳи Нурато ҷойгир шудааст. Майдони замини он 17 752 гектар буда, аз ин 2 539 гектари он бо ҷангалзорҳо иҳота шудааст. Мамнӯъгоҳҳо навъҳои нодир ва қиматбаҳои чормағзро ба "Китоби Сурх"-и Республикаи Ӯзбекистон дохил кардааст. Бо мақсади муҳофизат кардани рамаҳои ноёб ва аҷоиби гӯсфанди кӯҳӣ(ғурм) – гӯсфанди Северсов ташкил карда шудааст. Ба ғайр аз ин, дар мамнӯъгоҳ дарахтҳои ба мисли бодом ва арча, аз ҳайвонот гӯсфанди Қизилқум, ҷайра, уқоб, ғелевоҷ, сусмор, каргаси сиёҳ, морхӯр ва ҷайраҳо низ муҳофизат карда мешавад.

**Мамнӯъгоҳи давлатии Зарафшон** дар қади дарёи Зарафшон ҷойгир шуда, он ба қади дарё дар масофаи 45 километр тӯл кашидааст. Майдони замини он 2 352 гектар буда, аз ин 868 гектараш бо ҷангал иҳота карда шудааст. 759 гектари он заминҳои тӯқай ба ҳисоб меравад. Мамнӯъгоҳ бо мақсади аз нав барқарор ва муҳофизат кардани ҳамаи тӯқайзор ташкил карда шудааст. Ба мамнӯъгоҳ юрмон, ҷайра, саги обӣ, мурғи даштӣ (тазарв) ва ғайраҳо ба муҳофизат гирифта шудааст.

**Мамнӯъгоҳи давлатии Сурхон** ба қисми ҷанубии мамлакатамон — ба тарафи ҷанубии қаторкӯҳи Кӯҳитанг ҷойгир шудааст. Мамнӯъгоҳ зиёда аз 25 000 гектар заминро иҳота кардааст. Дар мамнӯъгоҳ бузи шохноки печон, гӯсфанди кӯҳӣ, силовсини Туркистон, хирси нохундори сафед, бабр, мори афӣ ва уқоб барин ҷонварҳо ба муҳофизат гирифта шудаанд.

**Мамнӯъгоҳи давлатии Ҳисор** дар қисми ғарбии қаторкӯҳи ҳисор ҷойгир шудаанд. Майдони замини он 80 986 гектарро ташкил мекунад. Аз ин 12 203 гектараш ҷангалзор, 27 450 гектараш алафзор, 171 гектари он аз ҳавзаҳои обӣ иборат аст. Дар мамнӯъгоҳ хирси нохундори сафеди Ҳисор, бабри барфӣ, бузи кӯҳӣ, хук, кабк, силовсини Туркистон, алдор ва оҳу барин ҳайвонҳо ба муҳофизат гирифта шудааст.

**Мамнӯъгоҳи геологии давлатии Китоб** дар баландии аз 1 300 метр то 2 650 метр будаи тарафи ғарбии паҳнкӯҳҳои Зарафшон ҷойгир шудааст. Мамнӯъгоҳ асосан бо мақсади муҳофизат намудан ва омӯзиши ҷинсҳои кӯҳӣ ташкил карда шудааст. Ин ҷойҳо ба рӯйхати ҷамъиятҳои байналхалқии дахлдор дохил карда шудааст. Дар мамнӯъгоҳ мори айнакдори Туркистон, сусмор, сангпушт, уқоб ва кабк барин ҷонварон ба муҳофизат гирифта шудааст.

**Мамнӯъгоҳи давлатии Қизилқум** дар назди Амударёи чӯли Қизилқум ҷойгир шудаанд. Майдони замини он 10 141 гектар буда, аз ин 5 144 гектараш ба ҷангалзорҳои зич иҳота карда шудааст. Дар мамнӯъгоҳ хонгул, бузӣ даштӣ, гурбаи бархан, уқоб, инчунин шағол, хуки ёбоӣ, гурбаи чӯл, рӯбоҳ, товуси Амударё, зоғи сиёҳ, булбул, лочин ва калхоти сиёҳ барин ҷонварон муҳофизат карда мешавад. Дар байни

ҳайвонҳои дар мамнӯъгоҳ нигоҳ дошта, ба гавазни шохдори Бухоро – хонгулҳо алоҳида эътибор дода мешавад. Соли 1971 ҳамагӣ 20 сар хонгул монда буд. Ҳозир бошад миқдори онҳо ба 200 сар мерасад.

**Мамнӯъгоҳи давлатии Бадайтӯғай** дар поёноби тарафи соҳили рости Амударё ҷойгир шудааст. Мамнӯъгоҳ 6 462 гектар заминро ишғол кардааст. Ин мамнӯъгоҳ бо мақсади нигоҳ доштани дунёи ҳайвонот ва ҷангалзори зичи тӯқай ташкил карда шудааст. Қисми калони мамнӯъгоҳро растаниҳои тӯқай соҳиб шудаанд. Дар мамнӯъгоҳ ҳар гуна намудҳои ҳашаротҳои гуногун, шабпараки болдори алои Туркистон, сӯзанаки болдори сиёҳ, паррандаҳои бисёр, аз ҷумла сапсани морхӯр, уқоби думдароз, калхоти сиёҳ, мурғи даштӣ, хонгул ва хук ба муҳофизат гирифта шудааст.

**Калимаҳои асосӣ:** «Китоби сурх»-и Республикаи Ӯзбекистон, мамнӯъгоҳ.

1. Дар бораи таъсири инсон ба табиат нақл кунед.
2. Оиди ҳайвон ва растаниҳои нодири кашварамон мисолҳо оваред.
3. Мамнӯъгоҳҳо бо кадом мақсад ташкил карда шудааст?
4. Дар мамнӯъгоҳ барои муҳофизат кардани ҳайвонот чӣ гуна корҳо карда мешавад?
5. Дар ҳудуди Ӯзбекистон чӣ хел мамнӯъгоҳҳо вуҷуд дорад? Ба онҳо чӣ гуна ҳайвонҳо муҳофизат карда мешавад?

Дар харитаи бехат ҷои ҷойгиршудаи мамнӯъгоҳҳои дар ҳудуди кишварамон бударо ишорат карда бароед.

# САЁҲАТ БА ВАТАНАМОН



## ДАР БАРИ ХАРИТАИ ВАТАНАМОН

Дар харитаи сиёсии дунё, ҳудуди Ватанамон – *Республикаи Ўзбекистон* ҳам алоҳида ба назар мерасад. Ҳудуди Ўзбекистон аз ғарб ба тарафи шарқ 1400 км, аз шимол ба ҷануб ба 925 км тўл кашидааст. Майдони замини мамлакатамон 448 900 км. кв-ро ташкил мекунад. Майдони замини Ўзбекистон аз ҳудуди давлатҳои Германия, Англия ва Япония калон аст.

Давлати Ўзбекистон аз тарафи ғарб ва шимол ба **Қазоқистон**, аз тарафи ҷануб ба **Туркманистон** ва **Афғонистон**, аз тарафи шарқ ба **Тоҷикистон** ва **Қирғизистон** барин давлатҳо ҳамсарҳад аст (расми 53).

Аҳолии Республикаи Ўзбекистон аз 30 миллион зиёд аст. Халқи мамлакатамон ба ғайри ўзбекҳо бо аҳолии мансуб ба миллатҳои тоҷик, рус, қароқалпоқ, қазоқ, қирғиз, туркман ва аҳолиҳои ба миллатҳои дигар мансуб ташкил ёфтааст. Дар байни давлатҳои Осиё Миёна давлати аҳолиаш аз ҳама бисёр – ин Республикаи Ўзбекистон аст.

Республикаи Ўзбекистон, аз ҷиҳати маъмурӣ ба шаҳри Тошканд, Республикаи Қароқалпоқистон, инчунин ба 12-то вилоят тақсим шудааст.




Расми 53. Харитаи маъмурии Республикаи Ӯзбекистон

Дар харитаи маъмурии Республикаи Ўзбекистон шаҳри Тошканд, ҳудуди Республикаи Қароқалпоқистон ва пойтахти он, ҳудуди вилоятҳо ва марказҳои онҳо нишон дода шудааст. Дар харитаи Республикаи Қароқалпоқистон ва вилоятҳо, ки ба ҳам наздик ҷойгир шудаанд, ҳудуди соҳиб гаштаи онҳо бо рангҳои гуногун тасвир карда шудааст.

Аз харитаи маъмурии Республикаи Ўзбекистон дар куҷо ҷойгир шудани Республикаи Қароқалпоқистон ва ҳар як вилоят, масоҳати ҳудудҳои онҳо ва дар бораи ҳамсояҳои ҳамсарҳади онҳо маълумотҳоро гирифтан мумкин.

Республикаи Қароқалпоқистон ва ҳар як вилоят ба ноҳияҳо, ноҳияҳо ба деҳаҳо, деҳаҳо бошад, ба маҳаллаҳо тақсим шудаанд. Дар харитаи маъмурӣ ба ғайри ҳудуди шаҳрҳои марказӣ дигар шаҳрҳо, инчунин ноҳияҳо, деҳаҳо ва маҳаллаҳо нишон дода нашудааст.

Бо шумо якҷоя ба ҷониби Ватанамон саёҳатамонро бо сайр намудан дар оғўши табиати шаҳри Тошканд оғоз мекунем. Пас аз он ба водии Фарғона роҳ мегирем. Ба сарҳадҳои вилояти Тошканд ва водии Фарғона роҳ мегирем. Дар сарҳадҳои вилояти Тошканд ва водии Фарғона қаторкўҳи Қурама қад рост кардааст.

Барои ба тарафи водӣ гузаштан аз байни кўҳҳо гузашта рафтан лозим. Ҷои кўҳҳоро тай карда гузаштанро **ағба** меноманд. Аз вилояти Тошканд ба водии Фарғона бо воситаи **ағбаи Қамчиқ** қаторкўҳи Қурама мегузаранд (расми 54).

Аз ағба гузашта, ба вилоятҳои Наманган, Андиҷон ва Фарғона роҳ мегиред. Боз бо воситаи ағбаи Қамчиқ ба Тошканд баргашта меоед. Сипас ба тарафи ҷануб ва



**Расми 54.** Ағбаи Қамчиқ

ғарб роҳ гирифта, бо табиати вилоятҳои Сирдарё, Навоӣ, Республикаи Қароқалпоқистон ва вилояти Хоразм шинос мешавед.

Аз харитаи маъмурӣ, сарҳадҳои бо давлатҳои ҳамсоя, шаҳри Тошканд, ҳудуди Республикаи Қароқалпоқистон ва пойтахти он, ҳудуди ҳар як вилоят ва маркази онҳоро нишон дода бароед.

1. Ӯзбекистон бо кадом давлатҳо ҳамсарҳад аст?
2. Майдони замини мамлакатамон чӣ қадарро ташкил медиҳад? Миқдори аҳолиро гуфта диҳед.
3. Ӯзбекистон аз ҷиҳати маъмурӣ ба кадом ҳудудҳо тақсим шудааст.

Дар харитаи бехат ҳудуди Республикаи Қароқалпоқистон ва ҳар як вилоятро бо рангҳои ҳархела ранг кунед ва номи онҳоро нависед.

# ТАБИАТИ ШАҲРИ ТОШКАНД ВА ВИЛОЯТИ ТОШКАНД

## Шаҳри Тошканд

Шаҳри Тошканд – пойтахти мамлакатамон Республикаи Ўзбекистон мебошад. Майдони замини шаҳри Тошканд 328 км.кв. буда, аҳолиаш аз 2 миллиону 300 ҳазор нафар зиёд аст.

Каналҳои аз дарёҳои Чирчиқ маҷрогиранда – **Бўзсув, Салор, Анҳор, Қорасув, Бўричар, Оқтеппа, Қорақамиш** ва ғайраҳо аз шаҳр ҷорӣ шуда мегузарад.

Бо мақсади аҳолиро бо растаниҳои гуногуни рўи Замин шинос намудан дар шаҳр боғи Ботаника ташкил карда шудааст. Майдони ин боғ 64 гектар заминро ташкил карда, дар он аз 6 000 зиёд намуди растаниҳо парвариш мешавад. Навъи зиёди ин растаниҳо аз ҳар ҷойҳои рўи Замин оварда шудааст. Бачаҳои бар боғи Ботаника омада дунёи растаниҳоро бо завқу ҳавас тамошо мекунанд. Ин меҳри бачагонро нисбати табиат зиёд мекунад. Алалхусус, лолаҳои ҳархелаи дар боғ парвариш кардаистода ба бачагон завқ мебахшад (расми 55).

Бо мақсади бо олами ҳайвонот аз наздик шинос намудан дар шаҳр боғи ҳайвонот ҳам ташкил карда шудааст. Дар боғи ҳайвоноти шаҳри Тошканд 249 намуд ва аз 3 000 зиёд ҷонваронро нигоҳ дошта, парвариш мекунанд.

Ин ҷонварон аз ҳар маҳалли рўи Замин оварда шудааст (расми 56). Дар давраи истиқлол дар назди боғи Ботаника майдони калони замин ҷудо карда шуда, дар ин ҷой боғи ҳайвоноти Тошканд аз нав ташкил карда шуд. Ҷонварони боғи ҳайвонотро бачаҳо бо завқу шавқ тамошо мекунанд.



**Расми 55.** Лолаҳои парвариш карда истодаи боғи Ботаника



**Расми 56.** Боғи ҳайвоноти Тошканд



**Расми 57.** Боғи миллии Ӯзбекистон ба номи Навоӣ

Дар шаҳр аз даҳҳо зиёд боғҳои истироҳат ташкил карда шудааст. Дар боғҳои истироҳатӣ, дарахтони манзараноки ҳархела қад рост карда меистад. Дар боғҳо дастгоҳҳои атраксионии гуногун мавҷуд аст. Калонтарин боғи истироҳати Тошканд, Боғи миллии Ӯзбекистон ба номи Алишери Навоӣ мебошад (расми 57). Дар бари кӯча ва хиёбонҳои шаҳр дарахтони манзараноки ҳархела вуҷуд дорад.

Тошканд аз шаҳрҳои қадимтарини дунё мебошад. Дар пойтахт Музейи давлатии таърихии Темуриён, Музейи таърихии Ӯзбекистон ва дигар музейҳои гуногун, театрҳо, марказҳои маданият фаолият доранд.

Тошканд маркази маъмурӣ ва сиёсии Республикаи Ӯзбекистон ҳам мебошад. Дар ин ҷо қароргоҳи Президенти мамлакатамон, Олий Маҷлиси Республикаи Ӯзбекистон, Девони Вазирон ва сафоратхонаҳои давлатҳои хориҷӣ ҷойгир шудааст.

Солҳои охир бо туфайли корҳои бунёдкорӣ ва кабудизоркунонӣ, Тошканд бар қатори шаҳрҳои боҳашамат ва зебои дунё ҳамроҳ шуд.

## Вилояти Тошканд

Вилояти Тошканд бо давлатҳои **Қазоқистон, Қирғизистон** ва **Тоҷикистон**, инчунин бо вилоятҳои **Намангон** ва **Сирдарё** ҳамсарҳад аст.

Қисмҳои ғарбӣ ва ҷанубии вилояти Тошканд аз ҳамворӣ, қисми шарқиаш бошад, аз кӯҳҳо иборат аст. Майдони замини вилоят – 15 300 км. кв. буда, аҳолиаш аз 2 миллиону 700 ҳазор нафар зиёд аст.

Пойтахти мамлакатамон шаҳри **Тошканд** маркази вилоят низ ба ҳисоб меравад. Дар вилояти Тошканд шаҳрҳои калон ба монанди **Чирчиқ, Ангрен, Олмалиқ, Янгийӯл, Бекобод, Чиноз, Пискент** ва **Ғазалкент** вуҷуд дорад (расми 58).

Тарафи шарқӣ ва ҷанубии вилояти Тошкандро қаторкӯҳҳои **Қорҷантоғ, Угом, Олатоғи Талас, Писком, Чотқол** ва **Қурама** иҳота кардаанд. Дар байни кӯҳҳо деҳаҳои бисёр мавҷуд аст.

Иқлими вилояти Тошканд мураккаб аст. Дар ҳудуди вилоят аз шимол ҷараёнҳои ҳавои хунук, аз ғарб ҷараёнҳои ҳавои мӯътадил ва нам, аз ҷануб бошад ҷараёнҳои ҳавои гарм ворид мешаванд. Аз ҳамин сабаб иқлимаш барои аз кадом тараф вазидани шамол вобаста аст.

Дар вилоят тобистон ҳарорат дар атрофи +38°C мешавад. Зимистон хунук намешавад. Ҳарорати миёнаи моҳи январ –1°C -ро ташкил медиҳад. Баъзе солҳо ба туфайли аз тарафи шимол ҷараёнҳои ҳавои хунук омадан ҳарорати ҳаво то –15°C хунук мешавад.

Дарёҳои **Сирдарё, Чирчиқ** ва **Оҳангарон** вилоятро бо об таъмин мекунад. Обанбори дар дарёи Чирчиқ сохта шуда, аҳамияти калон дорад.

Дар даштҳои вилоят қӯнғирбош, гандумак, какра, оҳучашм, мармарак ва чойи зард барин растаниҳо




**Расми 58.** Харитаи таби вилояти Тошканд

месабзанд. Ҳозир майдони калони даштҳо аз худ карда шуда, растаниҳои маданӣ кошта мешавад.

Кӯҳҳои тарафи шарқии вилоят табиати бойро соҳиб аст. Дар қаторкӯҳҳо лола, лоласурхак, ревоҷ, пиёзи Писком, сечаки сурх, бодом, хандон писта, дӯлона, олучаи кӯҳӣ, зирк, арча, чормағз ва ғайраҳо месабзанд.

Дар тӯқайҳои соҳили дарё шағол, харгӯш, мурғобии ёбоӣ, ғоз ва тазарвҳо зиндагӣ мекунад. Дар ҳамворӣ ва бари кӯҳҳо, калтакалос, мор, юрмон, сангпушт, инчунин рӯбоҳ, гург, қашқалдоқ ва кабкҳо мавҷуд аст.

Барои муҳофизат намудани табиат **мамнӯъгоҳҳои биосфераи давлатии Чотқол** фаолият нишон медиҳад. Ҳудуди калони байни қаторкӯҳҳои Угом, Чотқолро, **боғи табиати миллии Угом — Чотқол** ташкил медиҳад. Дар ин ҷойҳо барои истироҳати бачаҳо ва калонсолон бисёр масканҳои истироҳатӣ барпо кардаанд.

Дар ҳудуди вилояти Тошканд тилло, мис, ангишт, мармар, гранит, оҳаксанг барин конҳои канданиҳои фоиданок мавҷуд аст.

Аз харита ҳудуди вилояти Тошканд, сарҳадҳои он қаторкӯҳҳои ҳудуди вилоят, дарёҳои асосӣ, обанбор ва шаҳрҳоро нишон диҳед.

1. Майдони шаҳри Тошканд ва миқдори аҳолии онро гуфта диҳед.
2. Дар бораи ҷойҳои ба диққат сазовори пойтахт чиҳоро медонед?
3. Аз харита дар бораи кӯҳҳо ва ҳамвориҳои ҳудуди вилояти Тошканд, дарё ва обанбори онҳо нақл кунед.
4. Оиди дунёи растанӣ ва ҳайвоноти вилоят чиҳоро медонед?
5. Дар вилояти Тошканд чӣ гуна конҳои канданиҳои фоиданок мавҷуд аст?

Дар харитаи бехат ҳудуди вилояти Тошкандро ранг кунед, номҳои шаҳрҳои асосии онро нависед.

# ТАБИАТИ ВИЛОЯТҲОИ НАМАНГОН, АНДИҶОН ВА ФАРҒОНА

## Вилояти Намангон

Қисми асосии вилояти Намангон дар водии Фарғонаи соҳили рости Сирдарё ҷойгир шудааст. Замини он асосан ҳамворӣ буда, аз тарафи шимол бо қатортеппагиҳо ва қаторкӯҳҳои **Чотқол** ва **Қурама** иҳота шудааст. Замини вилоят нисбати сатҳи баҳр 350—800 метр баланд аст.

Вилояти Намангон бо давлатҳои **Қазоқистон** ва **Тоҷикистон, вилоятҳои Тошканд, Андиҷон** ва **Фарғона** ҳамсарҳад аст. Майдони вилоят 7 400 км. кв, аҳолиаш ба 2 миллионну 400 нафар наздик аст. Марказаш шаҳри **Намангон** мебошад, инчунин **Чуст** ва **Косонсой** барин шаҳрҳо дорад.

Дарёи калонтарини вилоят — **Сирдарё** аст. Он аз якҷояшавии дарёҳои **Норин** ва **Қорадарё** ҳосил мешавад. Аз кӯҳҳои Чотқол дарёҳои хурд ба монанди **Поччаотасой, Чортоқсой, Чустсой, Олмоссой, Чодаксой, Ғовасой, Косонсой, Намангонсой** ва дарёҳои **Норин** ва **Сирдарё** мерезанд. Дар вилоят каналҳои **Косонсой, Чортоқ**, обанбори **Эскийер, Охунбобоев, Фарғонаи Шимолӣ ва Намангони Калон** канда шудааст.

Дар ҳудуди вилоят конҳои тилло, нуқра, нефт, гази табиӣ, мармар, гранит ва оҳаксанг мавҷуд аст.

## Вилояти Андиҷон

Замини вилояти Андиҷон асосан аз ҳамворӣ иборат буда, баландии қисми ғарбии он аз сатҳи баҳр 400 — 500 метр аст. Тарафи шарқии он ба қаторкӯҳҳои **Фарғона** ва **Олой** пайваст шуда рафтааст. Андиҷон вилояти дар самти шарқ ҷойгиршудаи мамлакатамон

аст. Ин вилоят бо давлати **Қирғизистон**, вилоятҳои **Фарғона** ва **Намангон** ҳамсарҳад аст.

Майдони вилояти Андиҷон 4 200 км. кв. буда, аҳолиаш аз 2 миллиону 700 нафар зиёд аст. Маркази вилоят шаҳри Андиҷон аст. Инчунин, мисли **Асака** ва **Пахтаобод** шаҳрҳо дорад. Дар Асака Ширкати калонтарини автомобилсозии «O'zDEU авто» ҷойгир шудааст. Дар он «Нексия, «Ласеттӣ, «Матиз», «Спарк» ва «Каптива» барин автомобилҳо, ки дар бозори ҷаҳонӣ мавқеи ба худ хос доранд, истеҳсол карда мешавад.

Дар вилоят каналҳои калони **Фарғона, Фарғонаи ҷанубӣ, Андиҷон, Савай, Андиҷонсой, Шаҳрихонсой** ва дигар каналҳо мавҷуд аст.

Дар Қорадарё **обанбори Андиҷон** сохта шудааст.

Дар ин ҳудуд конҳои канданиҳои фоиданоки нефт, гази табиӣ, оҳаксанг ва ғайраҳо вуҷуд дорад.

Дар вилояти Андиҷон 5-то боғи истироҳатӣ ва бисёр хиёбонҳо мавҷуд аст. Солҳои истиқлол дар шаҳри Андиҷон Боғи миллии Бобур ва боғи Чӯлпон барпо карда шуд.

## Вилояти Фарғона

Майдони замини вилояти Фарғона ҳам асосан аз ҳамвориҳо иборат аст. Дар қисми шимолиаш даштҳо аст. Қисми ҷанубиаш бошад, доманаи қаторкӯҳҳои Олой ба ҳисоб меравад. Фарғона бо давлатҳои **Қирғизистон** ва **Тоҷикистон**, инчунин бо **вилоятҳои Андиҷон** ва **Намангон** ҳамсарҳад аст.

Майдони он 6 800 км. кв. буда, аҳолиаш аз 3 миллиону 300 ҳазор нафар зиёд аст. Маркази он шаҳри **Фарғона** аст. Инчунин **Кӯқон** ва **Марғелон** барин шаҳрҳо дорад.

Аз вилоят ба самти сарҳади Тоҷикистон **Сирдарё** ҷорӣ мешавад. Аз қаторкӯҳи Олой дарёҳои **Исфара**, **Сӯх**, **Шоҳимардон** ва **Исфайрамсой** ҷорӣ мешавад.

Дар ҳудуди вилояти Фарғона конҳои нефт, гази табиӣ, оҳаксанг ва гипс мавҷуд аст.

## Дунёи ҳайвонот, растанӣ ва иқлими вилоят

Водии Фарғона, ки дар дохили худ вилоятҳои Намангон, Андиҷон ва Фарғонаро дар бар мегирад аз ғарб то шарқ 370 км, аз ҷануб ба шимол то масофаи 90 км тӯл кашидааст.

Кӯҳҳое, ки водии Фарғонаро печонида гирифтааст, ҳавоҳои хунук ва намро каме бошад ҳам нигоҳ дошта меистад. Барои ҳамин ҳам иқлими водӣ гарм ва хушктар аст. Дар зимистон ҳарорати миёна – 2°C-ро ташкил медиҳад. Дар тобистон иқлим гарм ва хунук шуда, ҳарорат то +42°C бардошта мешавад.

Қисми марказии водии Фарғонаро заминҳои шӯрхок ва регнок ташкил медиҳад. Дар заминҳои шӯрхок пашмак, шӯра, юлғун, дар заминҳои регнок бошад, саксавул, ҷузғун ва ақоқиёи регӣ барин растаниҳо мерӯянд. Дар ин ҷойҳо калтакалос, юрмонқозиқ, муш, морҳои ҳархела ва ҳашаротҳо мавҷуд аст.

Дар даштҳои водӣ лола, лолаарӯсак, каврок, гандумак, какра, шувоқ, мармарак ва чойи зард барин растаниҳо месабзанд. Дар дашт ва маҳалли наздикӯҳии водии Фарғона боришот бештар мешавад. Барои ҳамин ин ҷойҳо аз растаниҳо бой аст.

Дар қаторкӯҳҳо ба ғайр аз растаниҳои алафини гуногун, бодом, дӯлона, пистаи хандон, арча ва сафедор



**Расми 59.** Нозу неъматҳои водии Фарғона. 1 — харбуза ва тарбузҳо; 2 — себ; 3 — зардолу; 4 — анор; 5 — ангур

барин бутта ва дарахтҳо месабзанд. Дар кӯҳҳо қашқалдоқ, гург ва рӯбоҳ барин ҳайвонҳо дучор мешавад.

Ҳозир даштҳо ва заминҳои наздикӯҳӣ аз худ карда шудааст.

Заминҳои аз худ карда шуда, ба майдонҳои кишт ва боғҳо табдил дода шудааст. Анор, зардолу, себ, ангур ва харбузаву тарбузи водӣ хеле ширину бомаза аст (расми 59).

Аз заминҳои наздикӯҳӣ барои парвариш кардани чорво ба сифати яйлоқ истифода мебаранд.



1. Аз харита ҳар як давлат ва вилоятҳои ба вилоятҳои водӣ ҳамсарҳадро нишон диҳед.
2. Қаторкӯҳҳои водии Фарғона, дарёҳои асосии водӣ, канал, обанбор ва шаршараҳоро нишон диҳед ва номи онҳоро гӯед.
3. Дар водӣ чӣ гуна конҳои канданиҳои фоиданок мавҷуд буданашро муайян кунед ва дар куҷо ҷойгир шудани онҳоро нишон диҳед.




**Расми 60.** Харитаи табиии водии Фарғона

1. Водии Фарғонаро чӣ гуна қаторкӯҳҳо иҳота кардааст?
2. Майдони соҳиббудаи вилоятҳои водӣ, миқдори аҳолӣ, шаҳрҳои марказӣ ва асосии вилоятро гуфта диҳед.
3. Дар вилоятҳои водии Фарғона чӣ гуна конҳои канданиҳои фоиданок мавҷуд аст.
4. Дар водӣ кадом растаниҳо месабзад?
5. Оиди олами ҳайвоноти водӣ чиҳоро медонед?

Аз харитаи табиии расми 60-ум истифода бурда, дар харитаи бехат ҳудуди вилоятҳои водиро бо рангҳои ҳархела ранг кунед. Номи шаҳрҳои асосӣ, дарё ва каналҳоро нависед.

# ТАБИАТИ ВИЛОЯТҲОИ СИРДАРЁ, ҶИЗЗАХ ВА САМАРҚАНД

## Вилояти Сирдарё

Саёҳатамонро ба сӯи ғарбии ватанамон давом медиҳем. Дар ҷанубии ғарбии вилояти Тошканд вилояти Сирдарё ҷойгир шудаст.

Вилояти Сирдарё бо давлатҳои **Қазоқистон** ва **Тоҷикистон**, инчунин бо вилоятҳои **Тошканд** ва **Ҷиззах** ҳамсарҳад аст.

Майдони вилояти мазкур 5 300 км. кв. буда, аҳолиаш аз 750 ҳазор нафар зиёд мебошад. Маркази вилояти Сирдарё шаҳри **Гулистон** аст. Дар вилояти **Сирдарё шаҳрҳои Янгийер** ва **Ховос** вуҷуд дорад.

Дар ҳудуди вилоят кӯҳҳо нест. Заминаш аз ҳамвориҳо иборат аст. Дарёи асосии бо об таъминкунандаи ҳудуди вилоят **Сирдарё** аст. Канали калони он **Дӯстлик** мебошад.

## Вилояти Ҷиззах

Майдони вилояти Ҷиззах 21 100 км. кв. буда, аҳолиаш аз 1 миллиону 200 ҳазор нафар зиёд аст. Маркази вилоят шаҳри **Ҷиззах** аст. Дар вилоят **Пахтакор, Даштобод, Ғаллаорол** ва **Гагарин** барин шаҳрҳо вуҷуд дорад.

Манбаи асосии обии вилоят каналҳои обии дарёи Сирдарё, инчунин дарёи **Сангзор** мебошад. Дар дарёи Сангзор **обанбори Ҷиззах** сохта шудааст.

Қисми калони **Айдаркӯл**, инчунин кӯлҳои **Арнасой** ва **Тузкон** дар ҳудуди вилояти Ҷиззах ҷойгир шудааст.



**Расми 61.** Айдаркӯл (1) лаклакҳои дар атрофи он зиндагӣ мекарда (2) ва фламингоҳо (3)

Дар назди кӯлҳо лаклак ва фламингоҳоро дидан мумкин (расми 61).

Дар ҳудуди вилояти Ҷиззах конҳои канданиҳои фоиданоки тилло, нуқра, мармар, гранит, оҳаксанг ва ғайра мавҷуд аст.

## Вилояти Самарқанд

Вилояти Самарқанд дар Туркистон ва паҳнкӯҳҳои ғарбии **қаторкӯҳҳои Зарафшон** ҷойгир шудааст. Дар самти шимолии вилоят **қаторкӯҳи Нурато** ва **Оқтоғ** мавҷуд аст.

Бо давлати **Тоҷикистон** ва вилоятҳои **Ҷиззах, Навоӣ, Қашқадарё** ва **Бухоро** ҳамсарҳад мебошад.

Майдони вилояти Самарқанд 16 800 км. кв. буда, аҳолиаш аз 3 миллиону 300 ҳазор нафар зиёд аст.

Дарёи асосии вилоят **Зарафшон** аст. Инчунин каналҳои **Дарғам, Нарпай, Соҳили рост, Соҳили чап, магистрали Марказӣ, Анҳори кӯҳна** ва обанбори **Каттақӯрғон** мавҷуд аст.

Дар вилояти Самарқанд конҳои канданиҳои фоиданоки тилло, волфрам, нефт, гази табиӣ, мармар, гранит ва оҳаксанг мавҷуд аст.



Расми 62. Самарқанд. Майдони Регистон

Маркази вилоят шаҳри қадимии ба дунё машҳур **Самарқанд** аст (расми 62). Дар вилоят шаҳрҳои **Каттақӯрғон, Ургут, Оқтош** ва **Булунғур** мавҷуд аст.

## Дунёи ҳайвонот, растанӣ ва иқлими вилоят

Вилоятҳои Сирдарё, Ҷиззах ва Самарқанд асосан аз ҳамворӣ иборат буда, тарафи ҷанубиаш бо қаторкӯҳҳо иҳота шуда, тарафи шимолаш барои кушод будан иқлими он низ хусусияти ба худ хос дорад. Дар ин вилоятҳо тобистон ҳаво гарм ва хушк мешавад. Ҳарорати ҳаво моҳи июл дар атрофи +38°C, баъзан то +42°C бардошда мешавад. Зимистон аз тарафи шимол ҷараёнҳои ҳавои хунук меояд. Барои ҳамин моҳи январ ҳарорати миёна то −4°C -ро ташкил мекунад. Баъзе рӯзҳо ҳарорат то −20°C паст мешавад.

Як қисми ҳудуди ин вилоятҳоро чӯлҳо ташкил медиҳад. Дар Мирзочӯл ва Қарнобчӯл растаниҳои эфемер, черкез, шувоқ, саксовул, шӯра, ҷузғун, явшонҳо месабзанд.

Дар ҷойҳои регноки Қарнобчўл саксавулҳои сиёҳ ва сафед, ҷузғун, черкез, ақоқиёи регӣ, хуч, бодом ва дигар растаниҳо дучор мешаванд.

Дар даштҳо момочучук, бойчечак, лола, лолаарўсак, гули хайрӣ барин растаниҳо месабзанд.

Дар чўл ва даштҳо товушқон, юрмон, муши регӣ, хорпуштак, харгўш, рўбоҳ, калтакалос, мор, қашқалдоқ, фланга, кирми сиёҳ мавҷуд аст. Аз паррандаҳо лаклак, чаковак, чаковаки тоҷдор, дуғдоғ, лойхўрак баринҳо зиндагӣ мекунанд.

Дар ҳудудҳои кўҳӣ арча, наматак, чормағз, ирғай, зирк, писта, бодом, дўлона баринҳо месабзад. Дар ин ҷойҳо оҳу, бузи кўҳӣ, гург, хирс, хук, бедона, булбул, кабк, калхот, лочин, ғалевоҷ ва уқоб дучор мешавад.

Қисми калони чўл ва даштҳо аз худ карда шудааст. Аз ин заминҳо ҳосили бисёр мегиранд.

Бо мақсади муҳофизат кардани табиат дар ҳудуди вилояти Ҷиззах ва Самарқанд **мамнўъгоҳҳои давлатии чормағззори кўҳии Нурато**, **мамнўъгоҳҳои Зомин** ва **Зарафшон** ташкил карда шудааст.

Дар паҳнкўҳи шимолии қаторкўҳи Туркистон ба **боғи табиати миллии Зомин** ташрифоварандагон аз табиат завқ бурда, тамошо мекунанд.



1. Аз харита, ҳудуди Сирдарё, Ҷиззах ва Самарқанд, инчунин сарҳадҳои онҳоро нишон диҳед.
2. Аз харита, шаҳрҳои асосӣ, дарё, канал ва обанборҳоро нишон диҳед.



1. Давлат ва вилоятҳои бо Сирдарё, Ҷиззах ва Самарқанд ҳамсарҳад бударо гуфта диҳед.
2. Масоҳати майдон, миқдори аҳолӣ ва шаҳрҳои асосии ин вилоятҳоро гўед.




**Расми 63.** Харитаи табиии вилоятҳои Сирдарё, Ҷиззах ва Самарқанд

**3.** Дар ҳудуди вилоятҳои Ҷиззах ва Самарқанд кадом конҳои канданиҳои фоиданок мавҷуданд.
**4.** Дар ин вилоятҳо чӣ гуна растаниҳо месабзад?
**5.** Оиди олами ҳайвоноти ин вилоятҳо чиҳоро медонед?

Аз харитаи табиии (расми 63) вилоятҳои Сирдарё, Ҷиззах ва Самарқанд истифода бурда, дар харитаи бехат, ҳудуди вилоятҳои Сирдарё, Ҷиззах ва Самарқандро бо рангҳои ҳархела ранг кунед.

# ТАБИАТИ ВИЛОЯТҲОИ ҚАШҚАДАРЁ ВА СУРХОНДАРЁ

## Вилояти Қашқадарё

Вилояти Қашқадарё бо давлатҳои **Туркманистон, Тоҷикистон** ва вилоятҳои **Бухоро, Навоӣ, Самарқанд, Сурхондарё** ҳамсарҳад аст. Дар тарафи шимолии вилоят кӯҳҳои **Қоратеппа, Зирабулоқ** ва **Зиёвуддин** мавҷуд аст. **Қаторкӯҳи Ҳисор** дар тарафи шарқии вилояти Қашқадарё ҷойгир аст. Онро аз вилояти Сурхондарё ҷудо карда меистад.

Майдони вилояти Қашқадарё 28 600 км. кв. буда, аҳолиаш аз 2 миллиону 800 ҳазор нафар зиёд аст. Маркази он шаҳри **Қаршӣ** аст. Дар вилоят шаҳрҳои **Косон, Шаҳрисабз, Деҳқонобод, Китоб, Чироқчӣ, Қамашӣ, Ғузор, Муборак** ва **Яккабоғ** низ вуҷуд дорад.

Дарёи асосии вилоят **Қашқадарё** аст. Он ба монанди **Оқсув, Танхоздарё, Яккабоғ** ва **Ғузордарё** шохобҳои калон дорад. Барои бо об таъмин намудани ҳудуди вилоят обанборҳои **Талимарҷон, Чимқӯрғон** ва **Панҷкамар**, каналҳои **магстралии Қаршӣ, Анҳори кӯҳна** барпо карда шудааст.

Дар ҳудуди вилояти Қашқадарё конҳои канданиҳои фоиданоки нефт, гази табиӣ, намаки ошӣ ва мармар вуҷуд дорад.

## Вилояти Сурхондарё

Вилояти Сурхондарё бо давлатҳои **Тоҷикистон, Туркманистон** ва **Афғонистон,** инчунин бо вилояти **Қашқадарё** ҳамсарҳад аст. Майдони вилоят 20 100 км. кв. буда, аҳолиаш аз 1 миллиону 900 ҳазор нафар зиёд аст.

Дар ҳудуди вилояти Сурхондарё **қаторкӯҳҳои Бойсунтоғ, Боботоғ, Ҳисор** ва **Кӯҳитангтоғ** мавҷуд. Дарёҳои **Сурхондарё, Шеробод, Сангардакдарё, Тӯпаланг** ва **Қӯштут** мавҷуд аст. Обанборҳои **Сурхони Ҷанубӣ** ва **Тӯпаланг** сохта шудааст. Барои ба заминҳои азхудкарда об баровардан каналҳои **Шеробод** ва **Занг** кофта шудааст.

Дар ҳудуди вилоят конҳои канданиҳои фоиданоки нефт, гази табиӣ, ангишт, намаки ошӣ, мармар ва оҳаксанг мавҷуд аст.

Маркази вилоят шаҳри **Тирмиз** аст. Инчунин дар вилоят шаҳрҳои **Деҳнав, Бойсун, Шӯрчӣ, Шеробод** ва **Ҷарқӯрғон** вуҷуд дорад.

## Дунёи ҳайвонот ва растании вилоят

Қисми ғарбии ҳудуди Қашқадарёро **чӯли Қаршӣ** ишғол намудааст. Дар ҷойҳои регноки чӯл ҷузғун, илоқ, селен, каврок, қандими сурх, саксавул, дар заминҳои гилнок бошад, шувоқ, шӯра ва дигар растаниҳои хӯшадор мавҷуд аст. Дар даштҳои вилоятҳои Қашқадарё ва Сурхондарё юлғун, ҳазориспанд, каврок, ҷавдор, гандумак, чий ва зирк месабзад.

Дар паҳнкӯҳҳо сафедор, ҷавдор, ширач, ревоҷ, бед, тӯс, зирк, бодом, пистаи хандон, дӯлона, наъматак, арча, чормағз, заранг, қайин баринҳо мавҷуданд.

Дар чӯлҳо юрмони зард, харгӯш, калтакалос, сусмор, мор, гург, рӯбоҳ ва ҷайронҳо зиндагӣ мекунанд (расми 64). Дар бешазори назди дарё шағол, рӯбоҳ, гурбаи тӯқай дучор мешаванд. Хирс, паланг, оҳу, бузи кӯҳӣ, гӯсфанди кӯҳӣ, қашқалдоқ, хук, сувсар ва ҷайра барин ҳайвонҳо зиндагӣ мекунад.



**Расми 64.** 1 – харгӯш; 2 – калтакалос; 3 – гург; 4 – рӯбоҳ



**Расми 65.** Бузҳои кӯҳӣ дар мамнӯъгоҳи давлатии Ҳисор

Дар заминҳои кӯҳии ҳудудҳои Қашқадарё ва Сурхондарё боигариҳои табиат, аз ҷумла бо мақсади муҳофизат кардани растанӣ ва ҳайвоноти нодир мамнӯъгоҳҳои геологии давлатии **Китоб, мамнӯъгоҳҳои давлатии Сурхон ва мамнӯъгоҳҳои давлатии Ҳисор** ташкил карда шудаст (расми 65).

Қисми калони даштҳо ва чӯлҳои азхудшударо ба майдони кишт табдил додаанд.

Вилоятҳои Қашқадарё ва Сурхондарё барои дар ҷануб ва иқлимаш гарми мамлакатамон буданаш меваҳои хурмо, анор, анҷир вуҷуд доранд.

**1.** Аз харита ҳудудҳои вилоятҳои Қашқадарё ва Сурхондарё, инчунин сарҳадҳои онҳоро нишон диҳед.
**2.** Кӯҳҳо, дарёҳои асосӣ, канал ва обанборҳои ин вилоятҳоро аз харита нишон диҳед.
**3.** Дар вилоятҳои Қашқадарё ва Сурхондарё дар кӯҳҳо ҷойгир шудани конҳои канданиҳои фоиданокро нишон диҳед.




**Расми 66.** Харитаи табиии вилоятҳои Қашқадарё ва Сурхондарё

1. Дар бораи давлат ва вилоятҳои ба Қашқадарё ва Сурхондарё ҳамсарҳад бударо гуфта диҳед.
2. Майдон, миқдори аҳолӣ ва шаҳрҳои асосии ин вилоятҳоро гӯед.
3. Дар ҳудуди вилоятҳои Қашқадарё ва Сурхондарё чӣ гуна конҳои канданиҳои фоиданок мавҷуд аст.
4. Дар ин вилоятҳои чӣ гуна растаниҳо мерӯяд?
5. Дар бораи дунёи ҳайвоноти онҳо чиҳоро медонед?

Аз харитаи расми 66-ум истифода бурда, дар харитаи бехат ҳудуди вилоятҳои Қашқадарё ва Сурхондарёро ба рангҳои ҳархела ранг кунед.

# ТАБИАТИ ВИЛОЯТҲОИ БУХОРО ВА НАВОӢ

## Вилояти Бухоро

Вилояти Бухоро ба давлати **Туркманистон, Республикаи Қароқалпоқистон** ва бо вилоятҳои **Навоӣ, Самарқанд, Қашқадарё** ҳамсарҳад аст. Майдони он 39 400 км. кв. буда, миқдори аҳолиаш 1 миллиону 700 ҳазор нафарро дарбар мегирад. Маркази он яке аз шаҳри қадимаи машҳури дунё, шаҳри **Бухоро** аст (расми 67). Дар вилояти Бухоро шаҳрҳои **Когон, Рометан, Вобкент, Ғиҷдувон, Қоракӯл** ва **Олот** ҳам мавҷуд аст.

Вилоят асосан аз ҳамвориҳо иборат аст. Дарёҳои асосии он **Зарафшон, Оқдарё, Қорадарё** мебошад. Ҷуй ва каналҳои аз ин дарёҳо мебаромада вилояти Бухороро бо об таъмин мекунад.



**Расми 67.** Бухоро. Минораи Калон

Дар ҳудуди вилоят конҳои канданиҳои фоиданоки тилло, нефт, гази табиӣ, мармар, гранит ва оҳаксанг вуҷуд дорад.

## Вилояти Навоӣ

Вилояти Навоӣ бо давлати **Қазоқистон** ва **Республикаи Қароқалпоқистон**, инчунин бо **вилоятҳои Ҷиззах, Самарқанд** ва **Бухоро** ҳамсарҳад аст. Дар вилоят кӯҳҳои **Қулчуқтоғ, Йетимтоғ, Томтитоғ, Овминзатоғ** ва **Султон Увайс** мавҷуд аст. Майдони он 111,0 ҳазор км. кв. буда, аҳолиаш аз 900 ҳазор нафар зиёд аст. Марказаш шаҳри **Навоӣ** мебошад. (расми 68).

Вилояти Навоӣ шаҳрҳои **Зарафшон, Нурато, Учқудуқ** ва **Мурунтов** дорад. Манбаи асосии оби он, дарёи **Зарафшон** аст. Дар вилоят обанборҳои **Қуйимазор, Тӯдакӯл** ва канали **Конимех** мавҷуд аст.

Дар ҳудуди вилояти Навоӣ конҳои канданиҳои фоиданоки тилло, нуқра, волфрам, нефт, гази табиӣ ва мармар вуҷуд дорад.

## Дунёи ҳайвонот ва растаниҳои вилоятҳо

Қисми калони худуди вилоятҳои Бухоро ва Навоиро чӯли **Қизилқум** ташкил медиҳад. Дар заминҳои гилнок ва шӯр моҳҳои баҳор растаниҳои чалов, момочучук, бойчечак, шувоқ, лола, каврок мерӯяд. Баробари оғозшавии тобистон хушк мешавад.

Сипас саксавули сиёҳ, янтоқ, юлғун, хуч, шувоқ мавҷуд аст. Дар ҷойҳои регноки чӯл, ҷузғун, саксавули сафед, шӯрреша, акатсияи регӣ, қандим ва селин берин растаниҳо месабзад.

Дар даштҳо дар фасли баҳор растаниҳои пиёзи анзур, момочучук, бойчечак, лола, лолаарӯсак, гандумак, каврок,





**Расми 68.** Шаҳри Навоӣ **Расми 69.** Ҷайрон

явош баринҳо мерӯянд. Дар паҳнкӯҳҳо бодом, наъматак, дӯлона мерӯяд.

Дар Қизилқум калтакалос, товушқон, юрмон, фланга, кирми сиёҳ, тортанак, муши регӣ, хорпуштак, морҳои ҳар хела, ҷайрон, рӯбоҳ, қашқалдоқ ва гург барин ҳайвонҳо дучор мешавад. Дар дашт ва кӯҳҳо оҳу, силовсин, рӯбоҳ, кабк, лочин, ғалевоҷ, уқоб ва колхот макон ёфтаанд.

Бо мақсади муҳофизат кардани табиат дар соҳили Амударёи Қизилқум **мамнӯъгоҳҳои давлатии Қизилқум** барпо карда шудааст. Бо мақсади ҳимоя намудани ҷайрон, ки ба «Китоби сурх» дохил шудааст, дар назди шаҳри Бухоро маркази экологии ҷайрони Бухоро ташкил карда шудааст (расми 69).



Аз харита давлат ва вилоятҳои бо Бухоро ва Навоӣ ҳамсарҳад буда, шаҳрҳои асосӣ, дарё, канал, обанбор ва конҳои канданиҳои фоиданокро нишон диҳед.



1. Давлат ва вилоятҳои бо вилоятҳои Бухоро ва Навоӣ ҳамсарҳадро гуфта диҳед.
2. Майдони ин вилоятҳо, миқдори аҳолӣ ва шаҳрҳои асосиро гӯед.
3. Дар вилоятҳо чӣ гуна растаниҳо месабзад?
4. Дар бораи дунёи ҳайвонот чиҳоро медонед?




**Расми 70.** Харитаи табиии вилоятҳои Бухоро ва Навоӣ

Аз харитаи расми 70-юм истифода бурда, дар харитаи бехат ҳудуди вилоятҳои мазкурро ранг кунед.

# ТАБИАТИ РЕСПУБЛИКАИ ҚАРОҚАЛПОҚИСТОН ВА ВИЛОЯТИ ХОРАЗМ

## Республикаи Қароқалпоқистон

Республикаи Қароқалпоқистон бо давлатҳои **Қазоқистон** ва **Туркманистон** ва вилоятҳои **Навоӣ, Бухоро, Хоразм** ҳамсарҳад аст. Аз нисф зиёди майдони **баҳри Арал** ба ҳудуди Республикаи Қароқалпоқистон рост меояд. Майдони Республикаи Қароқалпоқистон 211 000 км. кв. буда, аҳолиаш аз 1 миллиону 600 ҳазор нафар зиёд, пойтахташ шаҳри Нуқус аст. Дар Республикаи Қароқалпоқистон шаҳрҳои **Хоҷайлӣ, Беруни, Тўрткўл, Қўнғирот, Мўйноқ, Чимбой, Тахтакўпир, Шуманай, Манғит** ва **Бўстон** вуҷуд дорад.

Дар ин сарзамин манбаи об асосан Амударё ва каналҳои он аст. Дар ҳудуди он ба ғайри баҳри Арал кўлҳои **Сариқамиш, Чилдирбос, Довуткўл** ва **Машанкўл** мавҷуд аст.

Дар даштҳо ва чўлҳои Қароқалпоқистон қатронбош, қандим (расми 71). юлғун, шувоқ, шўра, ғеша, чинорак, туранға барин растаниҳо мерўяд.

Дар қамишзорҳои Амударё растаниҳои қамиш, янтоқ, туранға, санҷиди ёбоӣ ва челон вуҷуд дорад.

Дар чўл ва даштҳо юрмон, муши регӣ, харгўш, калтакалос, мор,





Расми 71. Қатронбош (1) ва қандим (2)



**Расми 72.** Аёзқалъа



**Расми 73.** Хива. Ичан қалъа

рӯбоҳ, гург, ҷайрон, оҳу, сагобӣ, кафтор ва хук барин ҳайвонот мавҷуд аст.

Дар қамишзорҳои Амударё ғоз, ӯрдак, қуши сафед, моҳихӯрак, ондатра, рӯбоҳ, шағол, гурбаи тӯқай, хук, қашқалдоқ барин ҷонварон зиндагӣ мекунад. Бо мақсади муҳофизат кардани табиати қамишзор **мамнӯъгоҳи давлатии Бадайтӯқай** ташкил карда шудааст.

Дар байни қаторкӯҳи Қизилқум ва Султон Увайс боқимондаи шаҳри қадимии Аёзқалъа ҷойгир шудааст (расми 72).

Дар ҳудуди Қароқалпоқистон конҳои канданиҳои фоиданоки гази табиӣ, намаки ошӣ, намаки сулфат, мармар, гранит, оҳаксанг ва ғайраҳо мавҷуд аст.

## Вилояти Хоразм

Вилояти Хоразм, ки дар назди Амударё ҷойгир шудааст, бо давлати **Туркманистон** ва **Республикаи Қароқалпоқистон**, вилояти **Бухоро** ҳамсарҳад аст.

Майдони вилоят 6 100 ҳазор км. кв. буда, аҳолии он аз 1 миллиону 600 ҳазор нафар зиёд аст. Маркази вилояти Хоразм шаҳри **Урганч** мебошад. Дар вилоят шаҳри қадимаи **Хива**, ки дар дунё машҳур аст, ҷойгир шудааст (расми 73).

Каналҳои аз **Амударё** мебаромада, вилоятро бо об таъмин мекунад. Дар қамишзорҳои назди дарё, ба ғайри растаниҳои алафин, сафедори туранға (найшакар), тол(бед), санҷид, юлғуни сурх барин бутта ва дарахтҳо месабзад. Дар чӯл ва даштҳо мори ало, қурбоққаи кабуд, сангпушт, хазандагони ҳархела, дар қамишзорҳо бошад гурбаи туқай, шағол, қуи сафед, мурғобӣ, ғози хокистаранг, эзорсурхак, қашқалдоқ ва дигарҳо ҳаст. Дар ҳавзаҳои об ондатра ва нутрия дучор меоянд.




**Расми 74.** Харитаи табиии Республикаи Қароқалпоқистон




**Расми 75.** Харитаи табиии вилояти Хоразм

Аз харита, ҳудуди Республикаи Қароқалпоқистон ва вилояти Хоразм, сарҳадҳо, шаҳрҳои асосӣ, дарё, канал ва обанборҳоро нишон диҳед.

1. Давлат ва вилоятҳои бо Республикаи Қароқалпоқистон ва вилояти Хоразм ҳамсарҳад бударо гӯед.
2. Майдони Республикаи Қароқалпоқистон ва вилояти Хоразм, миқдори аҳолӣ ва шаҳрҳои асосии онҳоро гуфта диҳед.
3. Дар ҳудуди Республикаи Қароқалпоқистон чӣ гуна конҳои канданиҳои фоиданок мавҷуд аст?
4. Дар ин сарзаминҳо кадом растаниҳо месабзад.
5. Оиди дунёи ҳайвоноти Республикаи Қароқалпоқистон ва вилояти Хоразм чиҳоро медонед?

Аз харитаҳои дар расмҳои 74—75-ум додашуда истифода бурда, дар харитаи бехат Республикаи Қароқалпоқистон ва вилояти Хоразмро ранг кунед, номҳои дарёҳои асосӣ, кӯл, канал ва обанборҳоро нависед.

## ТАБИАТИ КИШВАРАМОНРО НИГАҲ ДОРЕД

Инсон аз боигариҳои табиат бо мақсади қонеъ намудани эҳтиёҷи худ истифода мебарад. Одамони аввалини рӯи Замин аз маҳсулоти тайёри табиат истифода бурдаанд.

**Дар натиҷаи зиёд шуда рафтани ақлу заковати одамон, сохтани асбобу олотҳои меҳнат ва инкишоф ёфтани техника таъсири инсон ба табиат зиёдтар шудан гирифт.**

Одамон бешазорҳои калон — калонро бурида, ба майдонҳои кишт табдил доданд. Деҳа ва шаҳрҳо барпо карда, корхонаҳои истеҳсолӣ сохтанд. Дар баробари буридани бешазорҳо растанӣ ва ҳайвонҳои он ҳам нест шуда рафт. Як қисми чӯл ва дашт аз худ карда, ба боғу бӯстон табдил дода шуд. Асосан дар ҷойҳои кӯҳӣ боигариҳои сабз (растаниҳо)-ро нигоҳ доштанд (расми 76).

Дар давоми миллионҳо сол боигариҳои зеризаминӣ ҷамъ шуда, дар муддати кӯтоҳ сарф карда, тамом шуда истодааст. Нефт (бензин), гази табиӣ ва ангишҳо барин сӯзишвориҳо аз зери Замин канда гирифтаанд, ҳавои рӯи заминро вайрон мекунад. Ин қадар бо суръати баланд ба табиат таъсир расондани инсон, ба оқибатҳои бад оварда расонданаш мумкин.

**Табиат — муҳити зиндагии инсон буда, он ба одам хӯрокворӣ, сару либос, нерӯи электр ва сӯзишворӣ, ашёи хоми саноат ва маҳсулотҳои бинокориро медиҳад. Эҳтиёт намудани табиат, ҳифзу нигаҳдорӣ кардан ва боигарии онро сарфакорона кор фармудан зарур аст.**



**Расми 76.** Либоси сабзи қаторкӯҳи Ҳисор

Инсон агар ба табиат бепарво ва беэътибор бошад, алоқамандии байни ҳамдигарии табиат вайрон мешавад. Ин бошад, он ё ки ин ҷонзоди зиндаро ба ҳалокат оварда мерасонад. Масалан, агар ба ҷои дарахтҳои буридаи бешазор кӯчатҳо шинонанд, беша аз нав барқарор нашавад, миқдори оксигени дар ҳаво буда, ки барои инсон зарур аст, кам шуда меравад. Кам шудани бешазор ба нобуд шуда рафтани ҳайвонот сабаб мешавад.

Ҳоли ҳозир муҳофизати табиат ва муаммои экология ба миқёси дунё бардошта шудааст. Дар беш аз сад мамлакатҳо оиди муҳофизат кардани табиат ташкилотҳои махсус ташкил шудааст. Барои ба тартиб даровардани муносибати инсон ба табиат, барқарор намудани боигариҳои табиат олимони эколог корҳо пеш мебаранд.

Дар мамлакати мо ҳам барои муҳофизат кардани боигариҳои табиат дар миқёси ҳукумат эътибори алоҳида медиҳанд. Ҳайвонот ва растаниҳое, ки нест



**Расми 77.** Боғи табиати миллии Зомин

шуда рафтанашон хавфноканд, дар «Китоби сурх» 324 намуди растанӣ ва 184 навъи ҳайвонотҳои ҳудуди мамлакатамон дохил карда шудааст.

Дар моддаи 55 – уми Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон ва қонунҳои тааллуқдори давлатамон аз боигариҳои табиати кишварамон оқилона истифода бурдан ва муҳофизати онҳо муайян карда шудааст.

Барои риоя намудани қонунҳои қабулкарда, оиди муҳофизати табиат, аввалан табиати зебоямон, дар бораи он ғамхорӣ зоҳир карда, то чӣ андоза азиз будани онро эҳсос карданамон лозим аст.

Барои муҳофизат кардани боигариҳои табиатамон, ба ғайр аз мамнўъгоҳҳо **боғҳои миллии табиати Угом, Чотқол** ва **Зомин** ташкил карда шудааст (расми 77). Дар ин масканҳо одамон ба саёҳат баромада, ба боигариҳои табиати кишварамон аз наздик шинос шуда, аз зебогии табиат завқ бурда, аз ҳавои мусаффои он нафас

мегиранд. Ҳар як каси ташриф оваранда, нигаҳдорӣ ва ҳифз кардани табиат то чӣ қадар зарур буданашро дарк карда, меҳраш нисбат ба табиат зиёд мешавад.

**Донишомӯзони азиз!** Шумо ҳам барои муҳофизат кардани табиатамон ҳаракат кунед. Шохҳои дарахт ва буттаҳоро нашиканед, растаниҳои гулкардаро наканед. Дар беша (ҷангалзор), боғ ва даштҳо ҳайвонҳои зиндагӣ мекардаро ноором накунед. Хона ва лонаҳои онҳоро вайрон накунед, бачаҳои паррандагонро аз лонааш гирифта озор надиҳед.

Пас аз дар оғӯши табиат истироҳат карданатон атрофро аз назар гузаронед ва ҳар гуна чизҳоро напартоед, зеро табиатро озода нигоҳ доштан лозим аст.

**Ба корҳои кабудизоркунӣ фаъолона иштирок кунед. Ба атрофи хона ва мактабатон кӯчатҳо шинонед ва парвариш кунед.**

1. Инсон аз табиат фақат истифода карда, нисбатан он бепарво будан ба кадом оқибатҳо оварда расониданаш мумкин?
2. Аз тарафи ҳукуматамон дар бораи муҳофизат кардани табиат ва корҳои ба амал баровардаистода чиҳоро медонед?
3. Барои муҳофизат кардани табиат чӣ корҳо кардан лозим аст?
4. Ҳангоми дар оғӯши табиат истироҳат кардан худатонро чӣ хел нигаҳ доштанатон лозим?
5. Шумо барои кабудизоркунӣ чӣ хел ҳисса мегузоред?

## МУНДАРИЧА

Муқаддима ........................................ 3

**Замин – Сайёраи системаи офтоб**

Ситораҳо ........................................ 7
Офтоб ........................................ 8
Сайёраҳо ........................................ 11
Кометаҳо ........................................ 15
Метеорҳо ........................................ 16
Моҳ–радифи табиии Замин ........................................ 18
Кураи Замин ........................................ 21
Глобус ........................................ 22
Ивазшавии шабу рӯз ........................................ 24
Ивазшавии фаслҳои сол ........................................ 25

**Гуногунии табиати сатҳи замин**

Тарафҳои асосии уфуқ ........................................ 27
Харитаи нимкураҳо ........................................ 30
Масштаб (Миқёс) ........................................ 32
Гуногунии харитаҳо ........................................ 32
Шаклҳои асосии сатҳи Замин ........................................ 35
Харитаи табиии Республикаи Ӯзбекистон ........................................ 38
Дарёҳо ........................................ 42
Каналҳо ........................................ 43
Кӯлҳо ........................................ 44
Обанборҳо ........................................ 46
Муҳофизат кардани об ........................................ 47
Ҷангал (беша)-зорҳо ........................................ 48
Чӯлҳо ........................................ 52
Табиати кӯҳҳои кишварамон ........................................ 57

Даштҳо ........................................................................ 65
Боигариҳои зеризаминӣ ................................................... 70
Таъсири инсон ба табиат ................................................. 74
Мамнӯъгоҳҳо ................................................................... 75

## Саёҳат ба Ватанамон

Дар бари харитаи Ватанамон ......................................... 81
Табиати шаҳри Тошканд ва вилояти Тошканд ................ 85
Табиати вилоятҳои Намангон, Андиҷон
ва Фарғона ...................................................................... 91
Табиати вилоятҳои Сирдарё, Ҷиззах ва Самарқанд ......... 96
Табиати вилоятҳои Қашқадарё ва Сурхондарё ................ 101
Табиати вилоятҳои Бухоро ва Навоӣ .............................. 105
Табиати Республикаи Қароқалпоқистон ва
вилояти Хоразм .............................................................. 109
Табиати кишварамонро нигаҳ доред ............................... 113

В 43 **Bahromov, Akbar.**
**Табиатшиносӣ.** Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 4-уми мактабҳои миёнаи таълими умумӣ / А. Баҳромов. — Т.: «Sharq», 2013. — 120 саҳ.

*O'quv nashri*

**BAHROMOV AKBAR DALABOYEVICH**

# TABIATSHUNOSLIK

Umumiy o'rta ta'lim maktablarining
4-sinf uchun darslik

*(Tojik tilida)*

«Sharq» nashriyot matbaa aksiyadorlik
kompaniyasi Bosh tahririyati
Toshkent
2013

Расми манзараҳои табиат ва растаниҳо аз китоби «Табиати Ӯзбекистон: Растаниҳо. Атлас»-и Ӯ. Пратов ва дигарон гирифта шуд.

**Литсензияи нашр AI № 201, 28.08.2011.**

Тарҷимон *Ҷ. Эшонқулов*
Муҳаррир *Озармеҳр*
Муҳаррири бадеӣ *Т. Қаноатов*
Муҳаррири техникӣ *Р. Бобохонова*
Саҳифабанди компютерӣ *Ҳ. Шарипова*
Мусаҳҳеҳ *И. Абдусаломпур*

Ба чопаш 30.05.2013 рухсат дода шуд. Андозаи 70x90 $^1/_{16}$, Чопи офсетӣ. Коғази офсетӣ. Гарнитураи «SchoolBookTAD». Ҷузъи шартии чопӣ 8,0. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 7,8. Адади нашр 8 881 нусха. Супориши № ... .

**Матбааи Ширкати саҳҳомии табъу нашри «SHARQ».
100000, шаҳри Тошканд, кӯчаи Буюк Тӯрон, 41**

**Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда**

| № | Ному насаби донишомӯз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гарифтан | Имзои роҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои роҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |
| 6 | | | | | | |

***Ҷадвали боло ҳангоми ба иҷора дода шудани китоб ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани он аз тарафи роҳбари синф аз рӯи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:***

| **Нав** | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан |
|---|---|
| **Хуб** | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| **Қаноатбахш** | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир гаштааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гаштдааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| **Ғайриқаноатбахш** | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст, китобро барқарор кардан мумкин нест. |